# БОЗОР СОБИР

# ГУЛИ ХОР





**Бозор Собир**

# ГУЛИ ХОР

НАШРИЁТИ «ИРФОН»
ДУШАНБЕ 1978

**Собир Бозор**

# Гули хор

(Маҷмӯаи шеърҳо)

**Душанбе, «Ирфон», 1978**

Ба воситаи ин китоб қитъаҳае манзур мешаванд, ки ба мисли боронҳои гарми баҳорӣ фурӯ рехтаанд. Аз онҳо бӯи хоку гулу гиёҳи деҳу диёр меояд.
Ҳавои ҳар байт ба монанди ҳавои заминҳои кишт кушода ва нарму гӯёст.
Яъне метавон ин мисраъҳоро матлаъи маҷмӯа овард:

Ғазалҳои маро дар шабдаравҳо,
Ману шаббодаҳо кардем эҷод.

Муроди шоир ин аст, ки забони шоирии ӯ, забони ишқу орзӯи хонандагони азиз бошад.

**Собир Бозор**

# Цветы колючки

Thorn Flower
Copyright © 1978 Bozor Sobir
All rights reserved.

**Нашриёти «Ирфон», 1978**

# ВАТАН

Ҳамон рӯзе, ки ман мекардам истиқбол
Нахустин навбаҳорони ҳаётамро,
Диёрам,
Ман туро дар файзи саҳрои ту меҷустам,
Туро медидам аз долу дарахтонат.
Хаёлам бӯи гулҳои баҳорон дошт,
Сурудам нағмаҳои ҷӯйборон дошт.

Аламҳои ту не, обу алафҳои ту бо ман буд,
Шамими боду борони ту бо ман буд.
Ман аз хушбахтии тифлона мегуфтам:
Ватан — боғу чаманҳои гулафшон аст,
Гули шодобу оби чашмаю дарьёст,
Ҳама фарьёди ӯ чун яккафарьёди
дараавгарҳост...

Валекин баъд,
Дар поёни он умри хаёлосо
Ман аз лабҳои хурдону бузургонат,
Диёрам, гӯш кардам нолаҳоятро, хурӯшатро.

Ҳамон соле,
Бародарҳои мо рафтанд
Ҳама бар ҷанг аз оғӯши кӯҳистон,
Ҳазорон хонаи обод вайрон шуд,
Туро дарёфтам аз ашки модарҳо,
Ва аз чашмони чори кӯдакони гушнаю урьён.

Сипас рӯзе,

Бародарҳои мо бар хона баргаштанд
Ва аз ҷанги ҷаҳонӣ дар дили захмин
Ба ҷои орзуҳои ҷавонӣ пораҳои тир овrouting,
Туро дидам чу сарбозе
Саропо бо ҷароҳатҳо.

Ана он рӯз,
Дилам аз дардҳои дардмандони ту ғамгин шуд,
Туро бо хашму андӯҳи бузурги одамӣ
дар хеш ғунҷондам.
Ана он рӯз ман аз гунаҳои зиндагону гӯрҳои
мурдаҳо хондам:

Агар мо дарду ғам дорем,
Ватан ҳам дарду ғам дорад,
Чу қалби дардманде санги хоро дарду ғам дорад.

Ватан он ишқу сарбозист,
Ки онро мемаканд аз синаҳои модарон
бо шир кӯдакҳо,
Ватан хунест, к-он дар шаҳраги хунгарди
мо ҷорист...

Ватан бо мост,
Шукри обу хоку оташаш, мо низ бо ӯйем.
Дар олам хоми моро оташи ӯ метавонад пухт,
Дар олам хушки меро метавонад оби ӯ тар кард.

Каму бисьёр мо, то обрӯманду барумандем,
Заминҳои падарҳо нарму шодобу баруманданд;
Ҳама маъюбҳои ҷангу сангарҳо
Ба пои чӯбию ҷони ҷароҳатнок хушбахтанд,
Шаҳидони ватан дар хок хушбахтанд.



## ДАР ОҒӮШИ КӮҲИСТОН

Кӯҳ гуфтам ман,
Бадахшон кӯҳ гуфт.
Қуллаҳои осмонбӯси Зарафшон кӯҳ гуфт...
Кард овози маро такрор кӯҳистони ман,
Ҳамзабон, ҳамдард,
ҳамтақдиру ҳамармони ман.

Кӯҳ гуфтам,
Бо тане аз санги мармар,
Бо саре аз санги хоро
Сад ҳазорон паҳлавон аз хоб хест,
Сад ҳазорон қаҳрамон аз хоб хест...

Кӯҳ гуфтам,
Норасо овози ман
Лаҳзае дар кӯҳҳо печиду аксандоз шуд,
Бонг шуд, фарьёд шуд,
Оламе бо ман ба як овоз ҳамовоз шуд.

Кӯҳҳо, ин қуллаҳои саркаши фарьёдрас
Эй басо овозҳои норасобарҷастаро,
Хандаҳою гирьяҳои осмонӣ кардаанд,
Доду фарьёди ҷаҳонӣ кардаашд.

Аз сари ин қуллаҳо як оҳи кӯтоҳе бас аст,
То яке бархезад аз ҳар санг оҳ,
Оҳи кутоҳат шавад овозҳо,
То туро бинанд аз дур,

Бишнаванд аз дур ҳам...

Тухми мо дар рӯи олам он қадар бисьёр нест,
Лек то кӯҳу камар барҷо бувад,
Халқи мо он қадр каммиқдор нест.
Бо хурӯше, балки бо як норасо фарьёд ҳам,
Медиҳад овоз кӯҳистону дар оғӯши он,
Мо фаровон мешавем,
Мо ҳазорон мешавем.

То даме бо кӯҳсоронем,
Танҳо нестем:
Оҳи мо, овози моро
Мекунад ҳар санг такрор,
Саршумори тоҷиконро
Мекунад ҳар санг бисьёр.



# ФАРЗАНДИ ДЕҲҚОН

Хаёли деҳа бӯи деҳа дорад
Ба пиндори мани фарзанди деҳқон.
Чу ёди кишту саҳро мекунам ман,
Хаёлам мешавад абри баҳорон.

Агарчи пинае дар дасти ман тест,
Нагӯям кори номушкил гирифтам,
Ки чоки пою дастони падарро
Чу мероси падар дар дил гирифтам.

Гар аз гулхору аз санги адирҳо
Кунун кам монда дар пои ман осор,
Даруни синаам ҷар мешавад санг,
Даруни синаам гул мекунад хор.

Хароши сангу гулхору хаси деҳ
Чи дарде буд, ки акнун гашт дармон.
Ман онро дар дилам овардаам шаҳр,
Ман аз он дарди ширинам ғазалхон.

Замини шеъри ман гӯри сухан нест,
Давоми кӯҳу саҳрои диёр аст.
Забони модарии зиндаи ман
Забони барқу борони баҳор аст.

Лабамро чашмаҳо бикшода бар шеър,
Диламро гирьяҳои обшорон.
Хате не, ҷӯ ба ҷӯ то дафтари ман

Расида оби дарьёи Зарафшон...

Агар аз номи ман сатре бимонад,
Шумо, хонапдагон, сатраш нахонед,
Ба ҳукми мисрае аз киштзорон
Ба назм оварда огардаш бидонед.

Давоми шир-шири барги алафҳост,
Ҳиҷою ҳарфи ман дар шеъри озод.
Ғазалҳои маро дар шабдаравҳо,
Ману шаббодаҳо кардем эҷод.



# АНТИГОНА

*Илҳом аз муҷассамаи «Модари Литва»*

Ман модарам, маломати дуньё кашидаам,
Ман модарам, ба кулфати дуньё гиристаам,
Ҳар чанд санг бастаам, ман зиндаам ҳанӯз,
Ҳар чанд сангҳайкалам, ман нола мекунам.

Ман нола мекунам барои ҷигаргӯшаҳои хеш,
Ман гирья мекунам барои шаҳидони навҷавон
Ман рӯзи растхезие мехоҳам аз худо,
Ман рӯзи додпурсие мепурсам аз ҷаҳон.

Эй номуборакон!
То дар паи шиканҷаи олам нишастаед,
Ин хашми модаронаи ман кам намешавад,
Фарьёди модаронаи ман мерасад ба гӯш.

Шабҳо ман аз муҷассамаи мармарии хеш
Меҳезаму ба қасди шумо мешавам равон,
Ку лаҳзае ба сояи ман рӯ ба рӯ шавед,
Эй ҳарзаҳои нохалаф, эй душманони ҷон!

Ку лаҳзае, ки аз сари роҳам гузар кунед,—
Аз роҳи бекаронаи арвоҳи модарон!
Эй ҳарзаҳо, ки панҷаи хунин кашидаед,
Аз кинаҳо насибаи хунин чашидаед.

Зоти шумо ҳама —

Сӯзандаҳои ҷон,
Созандаҳои маҳкамаҳоро ҳанӯз ҳам
Ман мешиносаму
Бар додгоҳи аҳли башар мекашам ҳанӯз.

Бо айби нанговару бераҳмии шумо
Дар синаҳо намонд ба ҷуз кинаҳои талх,
Дар обу хок ваҳшати хунхоҳиву аҷал,
Бар қасди бахт бар сари олам фурӯ нишаст...

То чанд инчунин,
Дуньёи ранҷдидаро таҳқир мекунед,
Помоли марг мешавад омоли одамон,
Армони мадарон.

То чанд зиндагонии нимкора мекунем?
Нимроҳа аст раҳи мо дар рӯзгори мо,
Нохӯрда аст ҳиссаи мо дар диёри мо,
Ку баччаҳои ман?..

Ку баччаҳои ман,
Эй сарварони ҷанг,
Эй ахтарони наҳс,
Мепурсам аз шумо?!

Бо он ки санг бастаам, ман боз зиндаам,
Аз ашки ман ҳанӯз
Тар мешавад замин,
В-аз хашми ман ҳисори худо ларза мекӯнад.



## ШОИРУ ШЕЪРЕ АГАР ҲАСТ...

*Дар сугвории Пабло Неруда.*

Ман намедонам, ки дар савдои шеър
Шоири аз шоирӣ ношод кист,
Лек рӯзе бе ғазал,
            бе шеъри тар монад агар лабҳои ман,
Чун лабони чашмаҳои хушк парсин мезанад,
Ҳеҷ кас монанди ман ношод нест.

Шукри он вақте, ки аз банди ҷигар
Байтҳои тоза берун мешаванд...
Дар сари ҳар байт, ҳамчун дар сари гаҳворае,
Чун зани навзод шодам.
Дар сари ҳар байт, ҳамчун дар сари пайроҳае,
Гӯӣ маҳбуси навозодам...

Шукри он шеъре, ки мисли кӯдаке
Бо азоби талх тавлидаш кунанд.
Рӯзи Наврӯз аст ҳар рӯзе, ки халқе, милале,
Дар ҷаҳон чун зодрӯзи шоире идаш кунанд...

Шоиру шеъре агар бошад,
Каси ғамхор ҳаст,
Чашми бедору дили бедор ҳаст.
Гунаҳои тира аз шеър офтобӣ мешаванд,
Хушкиҳои синаҳо аз шеър обӣ мешаванд.

Шоиру шеъре агар ҳаст, ишқ ҳаст

Раҳму армон ҳаст,
Яъне дар сари гаҳвораи тифлон ҳанӯз
Модарон шабзиндадорӣ мекунанд
Алла дар лаб, шир дар пистон ҳанӯз.

Мӯҳтарам халқе, ки ӯ Нерону Искандар надод,
Лек Колдерону Байран дод ӯ.
Мӯҳтарам халқе, ки шоирпарвар аст,
Шоҳу пайғамбар надорад, лек дорад шоире.

Шоире, к-аз синааш ҳар нуктаро
Меканад чун маъдане аз кон,
Балки ҳамчун порае аз ҷон,
Мисли маҳбусе, ки дар талвосаи ҷонканданаш
Меканад девори маҳбасро ба дандон.

Халқ рӯзи тӯю вақти мотамаш
Дафтару девони ӯро мекушояд ҳамчу
дастархони худ.
Шеъри ӯро ташнаҳо чун об менӯшанду чун
нони ҳалол
Гушнаҳо бо ҳам баробар бахшу қисмат мекунанд.

Шоиреро офаридан кори як садсолаест,
Сахт коре, бори як сайёраест.
Ҳамчу давлат шоире гум кардан осон асту лек,
Ҳамчу шӯҳрат шоире дарьёфтан бас мушкил аст.
Қитъае холист бе Фирдавсии тӯсӣ ҳанӯз,
Қитъае бечораи як шоири соҳибдил аст.

Гарчи шоирҳо дар олам дер пайдо мешаванд,
Гарчи нанги шоирӣ бар марг илҷо мекунад,
Гарчи умри шоирон бисьёр нест,
Кӣ чу мад дар орзуи умри Ҳофизвор нест.

Кӣ намехоҳад, ки рӯзе не агар, як соате

Ҳамчу шоир зиндагонӣ карда,
Мирад шоире,
Шоҳкоре не агар, байте бимонад ёдбуд
Дар забони миллати худ.

Розиам бадбахт бошам, лек бошам шоире
Розиам сарсахт бошам, лек бошам шоире.
Розиам чун Саъди Салмон
Бо гуноҳи шоирӣ дар чоҳу зиндонам кунанд,
Чун Ҳилолӣ шеър дар лаб сангборонам кунанд.

Шоирӣ дар буду дар буньёди ман,
Кош бедармон шавад, дард аст агар,
Дарди ширин, дарди модарзоди ман.

Гар хато бошад, гаравгонаш сарам,
Дар баҳои сар намедонам хатои дигарам.
Розиам ман дар хатои шеър ранҷӯрам кунанд,
Балки ҳамчун Рӯдакӣ кӯрам кунанд.

Розиам, мирам, маро дар хок нагзоранду лек
Шеър дар дастам бимирам,
Шеър дар ҳалқам бимирам,
Шоири халқам бимирам.



## ХАТИ СУРХ

Аз ватан дур гарчи бисьёр аст
Зиндаю мурдаи ба ному нишон,
Лек осон набуду осон нест
Аз ватан дур мурдани мардон.

Аз ватан дур метавон ҷангид
Дар ҳама сангарони навъи башар,
Бигузашт аз даруни оташу об,
Хест аз байни дуду хокистар;

Метавон ҷумла дарди одамро
Бедаво диду дар тани худ дид.
Аз ҳама заҳру оби одамкуш
Аз ватан дур қатра-қатра чашид;

Метавон бо тамоми шева гирист
Дар ҷаҳон аз канор то ба канор,
Дар ғами аламу ғами одам
Мисли мадархудои ғамбемор...

Метавон ҳамчу марди нофармон
Дар миёни ҳазор миллат буд.
Якка бар ҷои сарбадороне
Бандии сад ҳазор давлат буд.

Бар ҳама додгоҳи рӯи ҷаҳон
Ҷон ба каф лангу кӯр шуд ҳозир,
Ҳамчу як зангии адолатҷӯ

Гардану дасту пой дар занҷир.

Нозам онро, ки як сари тоқаш
Шуд нишони ҳазор тиру камон,
Сабақу дарси ҷонфишонӣ гирифт
Рӯзи ҷонбозиаш Замину замон.

Он ки худ дар дилаш ғаме дорад,
Нест ӯ бе ғами дигарҳо ҳам;
Душмани ҷони ҳар қабилаю халқ,
Душмани ҷони ӯст дар олам...

Аз ватан дур агарчи бисьёр аст
Зиндаю мурдаи ба ному нишон,
Лек осон набуду осон нест
Аз ватан дур мурдани мардон...

Метавонам ба вақти доду ситод,
Дар сафи бардаҳои балвоӣ
Кард то Ҳинду Чину Руму Фаранг,
Қитъа бар қитъа корпартоӣ.

Лак рӯзе маро барандозад
Тири ноҳақ зи арсаи пайкор,
То диламра ба сангҳо монам
Мехазам синамол сӯи диёр.

Мехазам синамол сӯи Ватан
Бо сару дасту паи хунрезон,
Қитъа бар қитъа мекашам хати сурх
Аз поям то канори кӯҳистон.

# БУХОРО

Нигоҳи гарми ман аз фарқи хӯҳистон
Ба сӯят чун Зарафшон рӯзу шаб ҷорист.
Бухоро бо ғаму афсӯс мебинам,
Ки ҷои бас азизонат
Дар оғӯши ту ҳамчун ҷои Сино ҷовидон холист.

Ту гӯё дӯш андар рӯзгороне
Яке вулқон будӣ, ё дар сари вулқони сӯзоне,
Ки охир дар саъири оташафшонӣ
Азизонат чу ахтарҳо,
Шуданд аз ҳам ҷудо, барчош дар олам,
Ба ҳар сӯе,
Ба ҳар кӯе...

Яке бо теғу бо пайкон
Паи Искандари мақдуниро бигрифту Юнон рафт,
Яке аз дасти Темурлангу Чингизхон,
Бухоро, оби ту дар чашмҳоюю хоки ту дар мушт
Сари худро гирифту Руму Эрон рафт.

Яке гар дар ғарибӣ бе нишон гум шуд,
Ба мисли қатрае дар коми регистон,
Дигар бо давлати бе давлати тоҷик
Барабар дар миёни турку тозӣ бахшу қисмат шуд,
Танаш сӯе, сараш сӯе,
Танаш чун қитъае яксар,
Сараш ҳамчун сари кишвар.

Дар ақсои ҷаҳон тухми бузургонат
Ба монанди зару симат парешон шуд,
Ба монанди зару симат ба беқадрӣ.
Агар роҳе чу роҳи Каҳкашонат буд,
Ба мисли риштае печида гӯё рафт
дар пои ҷаҳонгардон,
Агар шустанд аз байни ту боронҳо
Раҳеро чун раҳи мӯрон
Раҳеро бодҳо руфтанд аз байни тую дуньё.

Ғарибиро чу фарзандони ту мардум намедонад,
Намедонад касе ҳамчун бухороӣ,
Чи сон талханду ширинанд ғамҳои ватандорӣ...
Ҷаҳонгардону сарбозони ту дар ҷумла гӯристони
олам бенишон хобанд,
Аз эшон дар таги хоки ту ғамҳои гарон хобанд.

Ба дасте рафт аз дастат
Зари сомонию «Қонун»-и синоӣ.
Туро ҳар дузд ғорат кард,
Туро ҳар дӯст қисмат кард.
Ба мардум рангу рӯи зард монд аз «асри
тиллоӣ»,
Чи нозирҳои солори туро дарду ситам кушта,
Чи шоирҳои мумтози туро оҳу алам кушта,
Заминҳоят ҳама аз хохи минбарҳои вайронанд,
Шаҳидонат ҳама девону дафтарҳои
дар олам парешонанд.

Бухорои шариф, гаҳвораи мардони нотакрор,
Диёри шоирону шеърҳои рафта бо ҳар боду аз
ҳар ёд,
Мазори нангу номи Аҳмади Дониш,
Мазори дардҳаи Шоҳини бемор,
Оре, ҷовидон бемор,
Ба ёдат чашми ман тар мешавад ҳар бор.

Вале ҳар бор мебинам,
Ки ҳар вайронаатро рӯзи ободист,
Ту дар болои сад вайронае имрӯз ободӣ,
Ту дар болои садҳо кундаю завлона озодӣ.

Агар дар зери деворе,
Зи турке наъли аспе мандаю аз тозие ҳамьён,
Кунун дар чанги таъриханд,
Агарчи нанги таърихандъ...

Бухорои адабпарвар,
Нигоҳи гарми ман аз фарқи кӯҳистон
Ба сӯят чун Зарафшон рӯзу шаб ҷорист.
Ҳамехоҳам чу пайвандат,
Нигоҳам мисли рӯде тар кунад рӯи заминатро,
Нагардад то парешон пас аз ин хоки баруманддат.



# ЗАМИНРО НАВОЗИШ КУНЕД

*Илҳом аз Ю. Марцинкявичюс.*

Заминро, ки ҷовид обистан аст,
Навозиш кунед,
Ки ӯ ҳамчун модар ҳанӯз,
Басе баччашерони худро назоидааст.
Чи соҳибдилоне, ки нозодаанд,
Чи соҳибқироне, ки дар раҳми ӯст,
Чи хубон, ки бояд аз ӯ зинда тавлид шаванд,
Чи мардон, ки бояд намиранд дар батни ӯ,
Шумо эй бузургони вақт,
Шумо кадхудоён,
Заминро навозиш кунед,
Ки ӯ ҳамчу модар ҳанӯз
Басе баччашерони худро назоидааст.
Бимонед, монад ҷавон Шарқу Ғарб,
Нахушкад ҳамон нутфагоҳи замин,
Бузургони фардо ба дуньё биёянд,
Худоёни фардо таваллуд шаванд.



# АСРИ XX

Дар ҳама гӯшаю канори дуньё овози маро мешунаванд.

*Аз нутқи ҳамсари Сальвадор Альенде*
*(дар конгресси қувваҳои сулҳпарвар)*

Ту асри соҳибэъҷозӣ,
Ту аз як санги лоҷур метавонӣ гармии хуршед
хосил кард,
Ту бо алмоси нуре,
Метавони дар ниҳоди кӯҳсорон рахна андозӣ.
Ҳазорон мушакони қорапаймо зодаи табъи ту
мебошанд,
Ҳазорон тугмаҳои оташафшонист дар дастат,
Агар ях тугмаро дасти ту бифшорад,
Ҳамин кофист, то олам шавад вайрон,
Шавад қурбон.
Дигар дар бешазорон мурғи оташ мекунад
парвоз,
Бадал бар донаи заҳри ҳалоҳил мешавад
дар киштзорон донаи гандум.
Дигар дар арзи дарьёҳо,
Намесӯзанд фонусҳои дарьёӣ
Ва соатҳо намегарданд,
Ҳисоби вақтро гум мекунад дуньё...

Ту асри соҳибэъҷозӣ,
Ту он бебок оташбози мумтозӣ,
Ки чун сарриштаи олам

Сари садҳою садҳо пилтаҳои оташафрӯзист
дар дастат,
Агар як пилтаро сӯзӣ,
Чунин созӣ, чучон созӣ...
Валекит аз ҳарири орзую оҳи модарҳо
Ту оё метавонӣ бар арӯсон куртаи
тӯёна пӯшонӣ?
Ту оё метавонӣ оби уқьёнуси Атласро
Кунӣ ширу ба кӯдакҳо бинӯшонӣ?..

Ту медонӣ, ки дар рӯи замин шабҳо
Ҳанӯз аз тарси фардо хоби модарҳо парешон аст
Ва ҳамчун луқмаи талхе
Ҳанӯз андар гулӯи аҳли олам нолаи печида
басьёр аст.
Ту оё метавонӣ як саҳар хушбахт бархезонӣ
мардумро
Ба ҳукми охирин мӯъҷизаи дуньё?

Агар нохӯрда монад ҷӯи пистоне
(Агар нохӯрда хушкад синаи моме),
Ба он монад, ки хушкад оби уқьёнуси Ороме.
Ҷаҳон имрӯз лотанҳост
Ҷаҳон имрӯз дар дилҳост
Чун армону чун виҷдон,
Агар гирьён шавад як одаме,
якбора олам мешавад гирьён,

Бас аст имрӯз фарьёде,
Ки дар дилҳои мо дуньё кунад фарьёд.
Бас аст имрӯзҳо як ҷони ларзоне,
Ки як дуньё шавад ларзон!



# КӮЧ МЕБАНДАМ

> Ман ба воситаи «Аполлон-8» аз сафари дубораи кайҳонии худ бори дигар боварӣ ҳосил кардам, ки ҳамаи мо дар як сайёраи хурд заиндагӣ мекунем.
>
> *(Борман).*

Замин як рӯз тангӣ мекунад бар ман,
Дар ин дашту саҳроҳову дарьёҳо намегунҷам,
Ба моҳу меҳр паҳлу мезанам монанди як фаръавн...

Дигар ин боргоҳи зиндагиву марг,
Ки ҳам гӯр асту ҳам гаҳвораи деринаи одам,
Саросар аз тану аз ҷони ман пур мешавад охир,
Дар ин гӯру дар ин гаҳвора баъд аз ин намегунҷам.

Аминам ман, ки як рӯзе
Замин дар гардиш аз ман дер хоҳад монд,
Дигар ҳам вақтро, ҳам рӯзгоронро,
Дигар ҳам маргро, ҳам зиндагониро
Ман аз ӯ пештар мегирам истиқбол.
Агар исторае афтад аз он пас,
Ба фарқи ман фурӯ меафтад аз гардун.
Нахустин бар сари ман мезанад ҳар санги кайҳонӣ,
Нахустин гармии хуршедро ман макунам эҳсос.

Ман охир кинаву хашму гуноҳамро

Чу гарди роҳ меафшонаму пар мекашам озод,
Ба рӯи хок мерезам азобамро.
Сабукӣ мекунад дар осмонҳо бори тақдирам,
Фаротар меравам, бевазн мегардам.

Фаротар меравам ман,
Паст мемонад
Ҷаҳон бо ҳақгузоронаш,
Замон бо корзору қаҳрамононаш,
Ва бо пайғамбарону бо худоёнаш...
Ҳазорон солро бар мезанад он соати таърих,
Ки ман то Каҳкашонҳо кӯч мебандам,
Суруди осмонӣ мекунам тақдири одамро.

## БА ХОТИРАИ «СОЮЗ-11»

Асри мо чун асри растанҳост,
асри вусъат аст,
Дар ҳама дуньё дигар кам неву
Афзун гаштаем,
То фалак аз хеш берун гаштаем.
Аз дили мо арзу тӯли оламе
сар мешавад,
Одаме як оламею оламе як одам аст.

Ҳар диле имрӯз ҳамдарди диле,
Ҳар сари сабзе гаравгони сарест.
Хандаи як кӯдаке ҳам бахти одамҳост,
Гирьяи як кӯдаке ҳам гирьяи дуньёст...

Осмонро асри мо баҳри замин тасхир кард,
То заминро боз некӯтар шиносанд одамон.
Чашми мо наздикбинонро ҷаҳонбин мекунад,
Шишаи сабзу кабуди осмон.

Ҳар касе имрӯз бар рӯи фалак
Талх хандад чун Гагарин,
Ӯ наметарсад зи ахтарҳои наҳс...

Бори аввал дар ҷабини моҳтоб,
Рӯи худро ҳамчу дар оина мебинад ҷаҳон...
Осмонро асри мо баҳри замин тасхир кард,
То заминро боз накӯтар шиносонанд одамон.



# «ШАҲРИ ОСӢ»

*Дар ҳафриёти Суғд.*

Чунон карда онро қазою қадар,
Ки аз чоки чоҳу танур,
Чу бо чашмҳои сияҳкӯр
Нигаҳ мекунад кӯр-кӯрона сӯи фалак.

Ва ҳайкалчаҳои худоёну пайғамбарон
Фурӯ монда дар ҳар мағок,
Даҳанҳо пур аз хок...

Агар ҳаст шайтон,
Бар ин пушта бисьёр хандидааст,
Ки ба рӯи пайғамбарони биринҷӣ
Ғубори пурандӯҳи хокистар аст,
Ба фарқи худоён паи ханҷар аст.

Агар буда Ҳурмӯз,
Бар ин хокдон сахт бигристааст,
Чу як навҳагарзан,
Ба ҷои ҳама бевазанҳои садсолаҳо,
Ба ҷои ҳама навҳагарҳои вайронаҳои Аҷам,

Ба ҷои ҳама ин танафсурда деворҳо,
Ки бар ин харобот биншастаанд,
Чу мотамнишинон,
Чу пистонсияҳ модарон
Ба гӯри ҷигаргӯшаҳои ҷавон.

Дар оғӯши ҳар пуштаи кӯзпӯшт
Ниёгони бадбахт хобидаанд,
Ба сар хишти аркону девонашон
Ва дар синаҳо тири чочикамон.
Агарчи чунин бекафан мурдаанд,
Ба худ асри тиллоиро бурдаанд...

Дар ин ҳар мағоке, ки бо ҳалқи хушк
Аз абри гузар об талбандаанд,
Фурӯ рехта обрӯи ҷаҳон
Ва хуни ҷигарҳои пиру ҷавон.

Фурӯ рафта дар ин даҳанҳои танг
Чу Суғду чу Кошониён,
Чунин луқмаҳои калон,
Рақибони Қуръон,
Шаҳидони ҷанги худоёну пайғамбарон…

Ту, эй шаҳри бадбахт,
Ту, эй маҳди фарҳанги зеру забар,
Ба рағми қазою қадар,
Чу аз ҷангу исьён натарсидаӣ,
Чаро тарсӣ аз вожгунию аз ин шикаст?

Ҳамин худ зи ному нишонат бас аст,
Ки дар буни ҳар бурҷи вайрони ту,
Чу ному нишоне аз исьёни ту
Камон асту ханҷар,
Кулаҳхӯду гурзу сипар.



# ҶАЗР

---

Ҳамон соат, ки дарьё мешавад сероб,
Ҳамон соат, ки дарьё мешавад лабрез,
Ҳар он чизе, ки бо мавҷаш намесозад,
Ҳар он чизе, ки бо ӯ ҳасту бо ӯ нест,
Дар оғӯшаш варо аз хашм хоҳад кушт.

Даме дарьёст пуртуғьён,
Даме аз мавҷҳо дарьё
Ҳазорон панҷаю дасти расо дарад,
Ба соҳилҳои худ меафканад қурбонитҳояшро,
Ки тангӣ мекунанд онҳо дар оғӯшаш
Гаронӣ мекунанд онҳо чу бори сахт бар дӯшаш.

Гаҳе афсурдаколое,
Гаҳе ҳайкалчаи пайғамбареро мавҷ берун
мезанад бо хашм,
Ва гоҳе завраҡи вайронаеро мебарорад
аз таги гирдоб,
Ба ҳар сӯ лошаеро мекунад партоб...

Ва он вақт, ки дарьё мешавад ором,
Ва ӯ дар соҳили худ боз мегунҷад,
Ду паҳлӯяш пур аз қурбонии ӯст...

Чӣ мегӯед?!
Мо ҳам мисли дарьёем,
Саропо дар такопӯем
Ва мо ҳам зиндаҳою мурдаҳои хешро дорем.

Ҳама он ноумедиҳо, ки шайтон мекунад тавлид,
Гаҳе макруб,
Гаҳе макрӯҳ,
Ҳама он ноумедиҳои шайтонро
Дили раҳмони мо куштаст
Ва хоҳад кушт!..

Дар он дилҳо, ки мо дорем,
Дар он дилҳои дарьё лошаҳои ҳарза бисьёранд.

Дар онҳо фандҳо мурда,
Дар онҳо пандҳои норасо мурда,
Дар онҳо шӯҳрату шукронаҳо мурда.

Чӣ мегӯед?!
Мо ҳам мисли дарьёем,
Саропо дар такопӯем
Ва мо ҳам мадду ҷазри хешро дорем,
Ҳар он чизе, ки бо мо ҳасту бо мо нест,
Ҳар он чизе, ки дар мо ҳасту аз мо нест,
Аз ӯ худро мубарро мекунем охир...

Замони ҷазрамон моро бубинед:
Канори мо пур аз полӯдаи олудаи дуньёст
Ки мо афкандаем аз синаҳо берун,
Чу дарьёе, ки аз қаъраш
Садафҳои таҳию мурдаҳоро мекунад берун...

Худашро об меполад ба ин ҷозиба бе поло,
Ба ин ҷозиба дилҳо тоза мегарданд,
Чун дарьё.



# ЗАБОНИ ВАТАН

Ҳарчи ӯ аз моли дуньё дошт, дод,
Хитаи Балху Бухоро дошт, дод,
Суннати волою девон дошт, дад.
Тахти Сомон дошт, дод.

Душмани донишгадояш «Дониш»-и Сино гирифт,
Душмани бе суннаташ девони Мавлоно гирифт.
Душмани санъатфурӯшаш санъати Беҳзод бурд,
Душмани бе хонааш дар хонаи ӯ ҷо гирифт.

Дод ӯ аз даст гурзи Рустаму Сӯҳробро,
Барбарони нотавонеро тавоно кард ӯ.
Номи худро ҳамчу гӯри Рӯдакӣ аз ёд бурд,
Қотилони хешро машҳури дуньё кард ӯ.

Қомати кӯтоҳи манғит,
Аз манори каллаи аҳли Хуросон шуд баланд.
Пастии саҳрои Қипчоқ
Аз баландии Бадахшон шуд баланд.

Халқи тоҷик,
Халқи армон,
Об дар чашм,
Чун ятимон,
Дар лабаш хашм,
Чун асирон,
Аз ватан то бар кафан ҳар буду нобуде, ки буд,
Бар кафанталбу ватанталбандаҳо бахшиду дод.

Душмани дарвеши худро,
Шоҳу доро карду худ дервеш шуд.

Дар миёни тангчашмоне, ки дар чашмонашон
Солҳои тангиро медид ӯ,
Гаҳ дар оташ,
Гоҳ дар об,
Таҳ ба таҳ бо сӯхтанҳои манори суғдиёнаш
сӯхт-сӯхт,
Бо харобободи девору дари Афросиёбаш шуд хароб.

Лек лафзи модарияш,
Ҳамчу номи модараш,
Дар забону дар даҳонаш монд-монд.
Ҳар сухан бо шири модар,
Сахт шуд дар устухонаш монд-монд.

Худ ба худ дар гӯшаи хоки диёр
Аз ҷудоӣ, аз ғарибӣ,
Ӯ гиристу гирьяҳо бар обшорон ёд дод,
Лафзи кӯҳистоние бар боду борон ёд дод.
Рӯдҳоро Рӯдакидон кард ӯ,
Бодҳоро Анварихон кард ӯ.

Рӯзи ноободиаш тоҷик забон обод кард,
Дар забонаш давлати бедавлатӣ буньёд кард;
Давлате аз ҳарфи вазнин,
Давлате аз шеъри рангин,
Аз чунон шеъре, ки ҳар як мисрааш
Ҷӯяе аз хуни сарбозони ӯст,
Равзани нуре аз оташҳои зардуштони ӯст.

Гӯиё чун сайди маҷрӯҳ
Ӯ ҷароҳатҳои худро
Гаштаю баргашта лесид,
Бо забони худ даво кард.

Дар сарояш тоҷик аз бахти нагун
Гарчи бо габру мусулмон
Ҳамсаро буд,
Ҳамрасулу ҳамхудо буд,
Дар забон, аммо ҷудо буд.

Аз сари сад минбар афтоданд нозирҳои ӯ,
То наафтанд аз забони хештан.
Дар сари сад дор ҷон доданд шоирҳои ӯ,
То наафтад бар замин қадри сухан...

Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон,
Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.
То забон дорад ватандор аст ӯ,
То забондор аст бисьёр аст ӯ.



# ДАРЬЁ ШАВАД ТАВЛИД

Дилам бисьёр мехоҳад бубинам
Замини шеърро ҳам вусъатобод,
Ба монанди замин сабзу муаттар,
Ба монанди замин пуркору пурбор.

Дар ӯ ҳам кӯҳҳо рӯянд,
Дар ӯ ҳам рӯдҳо бошанду соҳилҳои ҳосилхез,
Дар ӯ ҳам сарзаминҳо ҷо бигиранд,
Дар ӯ ҳам мурдаҳою зиндаҳо гунҷанд.

Дар ӯ ҳам абрҳо шинанду хезанд,
Дар ӯ ҳам резаборонҳо бирезанд,
Палакҳо решаҳо ронанд,
Дарахтон талху ширин меваҳо банданд.

Дар ӯ бинам ҳазорон қитъаи сабз,
Бимонад қитъаи шеъре ба марзе,
Варо ҳам бояд аз фарру бузургӣ,
Ба монанди замин тӯлею арзе...

Замини шеър — баҳри тоза мехоҳам,
Суруде балки пуровоза мехоҳам,
Суруде дар ҳазорон парда гӯё,
Суруди то кунун нашнидаи дуньё.

Варо аз аршҳо хонанд,
Варо аз фаршҳо хонанд,
Ба садҳо шева,

бо садҳо забон хонанд,
Чи аз Мағриб,
Чи аз Машриқ,
Чи аз минбар,
Чи аз бистар...

Суруди он касе гардад, ки медонад,
Дар ин дуньёи сарбозӣ,
Агарчи қаҳрамонӣ кардан осон нест,
Сафи мағлуб ҳам беқаҳрамонон нест.

Суруди он касе гардад,
Ки танҳо як худаш як издиҳом аст,
Ҳазорону ҳазорон аст,
Ки бенангист дар олам,
Дигар танҳо як одам будану
як одаме мурдан...

Суруди тоза мехоҳам,
Ки ӯ бо кӯдакон тавъам шавад тавлид,
Ба мисли шири модарҳо шавад тавлид,
Ба ҳукми чашмаю дарьё шавад тавлид.

Суруди тоза мехоҳам,
Ки ҳамчун яккафарьёди даравгарҳо
Саросар дар замину осмонҳо гардад аксандоз.
Ва одамҳою оламҳо
Кунанд онро ба ҳам такрор,
Бо садҳо забон такрор.



# КӮҲҲО

Дар канори кӯҳҳо шояд касе
Ҳар замоне ёфт лаъли обдор,
Лек ман ҳар қадр бинотар шудам,
Хештанро ёфтам аз кӯҳсор...

Бе суруди чашмасорон гӯши ман кар,
Бе баҳори кӯҳсорон чашми ман кӯр аст,
Гар забоне дораму гар метавонам хонд,
Ман танҳо намехонам.

Рӯдҳои кӯҳие бо ман ҳамовозанд.
Мекунанд аз синаи ман ҳой-ҳой.
Бо забони обу бо овози ман
Шеър мехонад ҳазорон обшор
Дар ману дар кӯҳсор.

Ҳар замон як ёди кӯҳистон бас аст,
К-аз дили ман чашмаҳо ҷорӣ шаванд,
Сабзаю гул бардамад дар синаам,
Резад оби дида ҷӯборӣ шавад.

Ҳар замон як ёди кӯҳистон бас аст,
То шавам пур аз Бадахшону Зарафшон,
То расад фарқи сарам бар осмон...

Бас касоне шояд аз оғӯши кӯҳ,
Чашмаҳои нӯш меёбанду лаъли обдор,
Лек чун фарзанди кӯҳҳои баланд,

Ман Ватан меёбам аз ҳар резасанги кӯҳсор.

Ман ба кӯҳу кӯҳ бо ман зиндааст:
Ӯ шарики умри кӯтоҳи ман аст.
То манам ҳамдӯши кӯҳистони хеш,
На манам танҳо, на кӯҳистони ман.

Гар суруде метавонам хонд, ман танҳо
намехонам,
Ё бигирьям,
Ё ба ҳоли хеш ҳам хандам агар,
Танҳо намехандам.
Ман бихандам,
Қуллаҳо якбора хандон мешаванд,
Ман бигирьям,
Қуллаҳо якбора гирьён мешаванд...
Дар канори кӯҳ, дар оғӯши кӯҳ
Ман фақат як бор не,
Сад бор мехоҳам шавам тавлид,
Фақат як бор не, сад бор аз нав
дар Бадахшону Зарафшон кӯдаке бошам,
Барорам ман забон як бор не, сад бор!

# РОҲҲО

Роҳҳо, роҳҳои дуродур
Ҷодаи қисматанд сар то сар.
Нест чун дар сари гарони замин
Дар саре сарнавишти хонотар.

Ҳаст роҳе ки ёд медиҳадат
Шеваи роҳравӣ зи шебу фароз,
Ҳар қадам роҳи пандомӯз аст
Чун ғазалҳои Саъдии Шероз.

Роҳҳои дарози хобида ҳам
Дидаам зери пои раҳгӯзарон,
Рамзи он сатрҳо, ки гум карданд
Дар сафар шоирони саргардон...

Роҳҳо сахт заҳматомӯзанд,
Хоҳ ҳамвору хоҳ ноҳамвор,
Бар ман аз хоку сангашон пайдост:
Кандани ҷону шодии дидор.

Аз чунин ҷодаҳо ба кӯи мурод
Мерасӣ, бахт гар мададгор аст,
Варна дар роҳҳои пурмеҳнат
Рафтаю барнагашта бисьёр аст.

Ҳаст роҳе к-аз он ҷавонмардон
Ҷон ба каф бо азоб мегузаранд,
Камтар он аз таноби доре нест,
Метавонад ба зери пои ту канд.

Ҳаст роҳе ба теғ монанд аст,
Балки з-он нест теғи буротар,
Лек чун зиндагонӣ сарбозист,
Бояд онро ғузашт вақти сафар.

Ҳаст пайроҳае, ки дар кӯрӣ
Мисли толеи кӯрбахтон аст,
Бе сари пасту дидаи равшан
Магар онро гузаштан осон аст?..

Роҳҳо, роҳҳои дуродур
Ҷодаи қисматанд сар то сар,
Нест чуд дар сари гарони замин
Дар саре сарнавишти хонотар.



# НАҒМАҲОИ ДИЁР

*Барои устод Мирзо Турсунзода.*

Беҳтарин ними умри ман бизгашт
Дар ҷаҳонгардиҳо барои ҷаҳон,
Сайри бисьёр баҳру бар кардам,
Бо ғаму дарду шодиҳои ҷаҳон.

Ғояти Шарқу Ғарбро дидам,
Аз хати устуво гузаштам низ,
Лек дурӣ набуд, ҷудоӣ набуд
Дар миёни ману диёри азиз.

Гарчи аз ҳар роҳе дар ин дуньё
Гарди хоке гирифт мижгонам,
Ёди пайроҳаҳои кӯҳистон
Тозатар шуд чу ишқ дар ҷонам.

Гарчи аз Гангу Нил хӯрдам об,
Ташнаи чашмаҳои Варзобам.
Ман Зарафшону Вахшро дидам
Дар лаби Зиндаруд дар хобам.

Ҳар куҷо аз даруни синаи ман
Ҳой-ҳои шалола бар мешуд…
Нағмаҳӣ диёр дар гӯшам
Раҳ ба раҳ рафта тозатар мешуд.

Мекашиданд аз паям фарьёд

Сангҳои ғариби кӯҳистон
Гаҳ зи аҳроми мисриёни қадим,
Гаҳ зи вайронаҳои Шоҳи Ҷаҳон...

Дар ҷабинам агар қаламкаши вақт
Сархате мондааст аз ожанг,
Меҳнатамро навишта кӯҳу камар
Дар кафи пойҳои ман бо санг.

Гарчи дар Ҳинду Балх дар қадамам
Гул фишонданд аз дару девор,
Аз кафи пои ман нарафту нарафт,
Дарди ширини сангу хори Ҳисор...



# ЗИНДАГӢ

Зиндагонист мисли кӯҳистон,
Ҳар хамаш сад хами дигар дорад,
Дар паси ағбаҳои мушкилгард
Ағбаҳои баландтар дорад.

Панҷаи роҳҳои борикаш, —
Панҷаи сахти тапгчашмон аст.
Арраи теғаҳои ӯ хунрез, —
Арраи тези неши дандон аст.

Лек чун тифли синанодида,
Нест марди наҷиб домангир.
Метавонад ба пои чӯбин ҳам
Тай кунад роҳи хеш то охир.

# КӮДАКИЯМ ҲАНӮЗ ГИРЬЁН АСТ

Бачаҳоям барои ханда маро
Гоҳ-гоҳе ба ноз мепурсанд.
Ки гаҳи кӯдакии хеш магар
Мегиристам барои шарбату қанд.

Шукри тақдирашон, намедонанд
Дар ҷаҳон гирьяест дардовар,
Гирьяе баҳри як буридаи нон,
Гирьяе, гирьяе барои падар,
Ки сари гирьяи сағирон аст,
Гирьяи гирьяҳои инсон аст...

Кӯдакӣ, кӯдакии дар ба дарам
Сахт буд, сахт маҳду бистари ӯ.
Гӯиё қаҳтиҳою ҷанги ҷаҳон
Дӯш танҳо гузашт аз сари ӯ.

Дар ҳама сангу хоку хори диёр
Доғу дарди ятимии ман ҳаст.
Дар ҳама бодҳои саргардон
Оҳи сарди ятимии ман ҳаст.

Дар сари кӯчаҳои Файзобод
Чашм бар роҳи кӯҳна шому саҳар,
Кӯдакиям ҳанӯз гирьён аст
Дар кафи ӯ хати сиёҳи падар.



# АСП

Дар гӯшаҳои хотираи саргузашти ман,
Балки дар он диёр, ки гум кардаам падар,
Аспе ҳанӯз медаваду медавад ҳанӯз,
Аспе, ки нест пас аз ин ҷуз оҳи даргузар.

Пояш сафед,  синаю пешонааш сафед,
Гоҳе чу бод меравад ӯ аз баробарам,
Гоҳе ба гӯш мерасад аз роҳҳои дур
Дар хоку санг зарбаи сунбаш ҳанӯз ҳам.

Гоҳе ба хез мекунад аз рӯдҳо гузар,
Дар гарми рӯз ташнаву ёлаш пур аз ғубор,
Гоҳе ба шаст медавад дар даштҳои сабз,
Чашмаш ба сӯи сабзаю себаргаи баҳор.

Дар кӯдакӣ шунидаму аз ёди ман нарафт
Овози наълу шеҳаи ин аспи ошно,
Гӯё ки саргузашти ман фарьёд мекунад
Бо ин  садон гарм аз афсонаҳо маро.

Бо ин садо шунидаам, мехонад инчунин
Дар гӯши ман таронаи худро диёри ман.
Гӯё ҳанӯз бар дари кошонаи падар
Истодааст тифлиам дар итизори ман.

Истодааст бар дари он хоне, ки дӯш
Гар ҷои ханда буду агар ҷои гирья буд,
Дар он ба шадмоние мо ханда кардаем,

Бигристаем бо ғами хурду бузурги худ...

Ёдат ба хайр, тифлии озоду бегуноҳ,
Ёдат ба хайр, хонаи деринаи падар,
Марде ки рафт аз бари мо дар ҷавониаш,
Хоҳам, ки пир ояду боз ояд ӯ ба бар.

Он пуштаҳои хилвату пайроҳаҳои кӯр,
К-овози наъли ҷерани ӯро шунидаанд,
Бошад, ки як пагоҳ зи дурии дуриҳо
Боре маро зи ҳастии ӯ бохабар кунанд...

Аз рӯй-рӯи хотираи саргузашти ман,
Балки аз он диёр, ки гум кардаам падар,
Аспе ҳанӯз медаваду медавад ҳанӯз,
Аспе, ки нест пас аз ин ҷуз оҳи даргузар.

Тай шуд ҳазорҳо раҳу ҷуз дар раҳи хаёл
Боре дигар надидамат, эй аспи бодпо,
Ту то куҷо давидию ку он савораат,
Ӯро ту дар ҷавониаш афкандӣ дар куҷо?

# ХОНА

Ба ҳисоби қадам аз маркази шаҳр
Роҳ то пеши дарам сад қадам аст,
Лек он соати баргаштани ман
Гӯӣ бе охиру пурпечу хам аст.

Гӯӣ аз гирди чаҳон меоям,
Чанд бе ному нишон гум будам.
Чанд овораи олам гаштам,
Чанд дар меҳнати мардум будам.

Ба забонҳои дигар ҳарф задам,
Ҳар касе ҳарфи наве ёдам дод.
Лек чун шир-шири борони баҳор
Буд бас шеваи тифлона ба ёд.

Инак аз ин сафари дуру дароз
То расам бори дигар бар манзил,
Омадам обилаҳое дар пой,
Омадам обилаҳое дар дил.

Метавонам ба забонҳое чанд
Тарҷумонӣ бикунам дар олам.
Ман ба мардуми басе мулку диёр
Ҳамзабон гардаму ҳамдил бишавам.

Лек дар манзили ман се нафаранд
Ҳамзабонҳои ману ҳамдили ман;
Се нафар кӯдаки шириндаҳанам

Интизоранд маро ҳамчу Ватан.

Гӯшҳоям чи қадар мешунаванд,
Чи забону чи қадар ҷон дорам,
Чашмҳоям чи қадар мебинанд,
Чи қадар дарду чи дармон дорам,

Ман ҳамон лаҳза яқин медонам
Ки ба мисли дари чашми нигарон
Мешавад боз ба рӯям дари ман,
Гӯи аз он тарафи вақту замон.

Ҳамчу бар сарҳади як мамлакате
Мерасам ман ба дари хонаи хеш.
Чун бар оғӯши Ватан меоям
Аз сари кор ба кошанаи хеш.

# БАЧАҲОИ ДЕҲОТӢ

Нарм-нармак тарона мехонанд
Аз сари бому аз сарӣ девор,
Баччаҳо, баччаҳои деҳотӣ,
Соддаю хушзабону беозор.

Аз дарахтон шукуфа мерезад,
Бӯи пудина мекунад дами бод.
Медаванд аз миёни майсаю об
Баччаҳои побараҳнаю дилшод.

Аз паси кӯдакони бепарво,
Чун ҳароса ситода бо сари хам,
Мекунам орзу, хи бори дигар,
Кошки ман ба тифлӣ баргардам.

Рӯй молам пагоҳӣ дар шабнам,
Гирам аз домани насими саҳар.
Ҳамчу рӯзи ятимӣ гирья кунам,
Сабзаро дида ранги мижаи тар.

Боз ман бошаму ҳавои баҳор,
Резабарону турнаҳои қатор.
Гузаронам чу мисрае аз ёд
Турнаҳоро ба чашм аз кӯҳсор.

Дар лаби обу абшороне
Гаҳ нишинам дубайтиҳо шунавам,
Ханда дар лаб, дубайтиҳо дар лаб,
Гаҳ худам обу обшор шанам.

Барраҳои сафеди тифлии ман —
Рамаи абрҳои фасли баҳор
Дар канорам чарида хоб кунанд
Дар бари пӯштаҳои сабзи Ҳисор...

Ҳар баҳоре ба сӯи кӯҳистон,
Кӯдакиро ба ҷустуҷӯ оям.
Кош бо баччагии худ боре
Дар раҳи деҳа рӯ ба рӯ оям.

Кош ӯро биёбаму пурсам,
Бе ман ӯ дар куҷост саргардон.
Баъди ӯ дар кашокаши тақдир
Мондаам пургуноҳу бесомон.



# ҚИСМАТИ ШОИР

*Дар сугвории Лоҳутӣ.*

Умре ҳама дар ҷону танаш шуру шарар дошт,
Умре ҳама дар арсаи сарбозӣ ба сар бурд.
Сад бор гузашт аз таги шамшери шарирон,
Сад бор сияҳнома навиштанд амирон
Бар бастани ӯ дар қафасу кундаю зиндон.

Рӯфтанд адолатнашиносон паи ӯро
Аз мулки азизи падараш то ба кучҳо...
Бо худ ҳама ҷо бурд вале хоки ватанро,
Ишқу ғазалу хотири ғамноки ватанро.

Мероси тамоме, ки аз Эрон бигирифт ӯ,
Обилаи дасти падари коргараш буд,
Обилаи дастони падар дар ҷигараш буд,
Ин доғи дарун ҳамсафараш буд.

Аз хоки Хуросон,
То домани кӯҳҳои Зарафшону Бадахшон,
Дар рӯи заминҳо ба алам тухми сухан кишт,
То Боми Ҷаҳон монд раҳорах асарашро,
Посираи ишқу алами пурсамарашро.

Ӯ дар ҳама ҷо дур нарафт аз алами хеш,
Дар синаи пуртобу табаш дар ҳама аҳвол
Аз ашки ятимону ғарибони диёраш
Як шаршараи дард

Резон буду резон,
Гирьён буду гирьён.
Дар синаи ӯ ашки сағирону асирон
Резону чакон рафт ба ҳар гӯшаи олам,
Чун хуни чакон дар қадами аскари маҷрӯҳ...

Ӯ зинда гузар кард басе баҳру бареро,
Гаҳ дар дами тӯфону гаҳе дар дами оташ,
Бо он ҳама андӯҳ, ки чун тӯшаи Эрон,
Ӯ ҳар қадаре хӯрд,
Шуд он қадр фаровон.

Ҳар ҷо ки қадам монд,
Дар ҳар қадаме дарду ғами тӯдаи урьён
Андӯҳу умеду ғазаби бардаю деҳқон,
Чун реши кӯҳан дар қафаси синаи ӯ буд,
Чун ҳамраҳи деринаи ӯ, аз паи ӯ гашт,
Гаҳ дар раҳи дуньёю гаҳе дар раҳи дилҳо...
Ӯ бар дили мо омаду роҳи сафараш низ,
Захми ҷигараш низ.

Ӯ бо ғаму хашму ғазабаш дар дили мо буд,
Бо байту сурудаш абадӣ дар дили мо монд;
Ӯро ғаму адӯҳи гарони ватанаш кушт,
То ӯ нарасиданд вале теги амирон...
Чун шоири исьёнии оташсухани Шарқ
Дар синаи мо зиндатар аз мурдаи ӯ нест.

Айём агарчанд басе тоҷу кулаҳро
Беқадр ба монандӣ кафи хоки сиях кард,
То ҳол баҳои сари Лоҳутӣ баланд аст,
Қозии амир аз сари хунаш нагузаштаст.

Ӯ дар дили мо монду вале баҳсу баён аст
Дар бастани ӯ байни шарирони диёраш,
Сад гӯру кафан мунтазири омадани ӯст,

Сад ҳалқаи доре сари ӯро нигарон аст.



# РЕША

Чи гӯям?
Дастомӯзи худовандони фарҳангам
Ва одат кардаам ман бар навозишҳо,
Ситоишҳо... .
Ба минбарҳо ман аз хушбахтӣ одат
кардаам кайҳо,
Чи қадре қоматам аз хок болотар шавад,
он қадр хурсандам.

Ба ҳар рӯзе дилу ҷонам пур аз овоз
Ва сӯи қуллаҳои осмонбӯси бузургӣ
мекашам худро.
Ба мисли кӯдаки бедарду озоде,
Ки шаб дар хобҳои кӯдакиаш мекунад парвоз.

Вале бо ин мани хушбахт,
Мане ҳам ҳаст,
Мани «ваҳшӣ», мани «саҳроие» ҳаст,
Ки ӯро мондаам дар пои минбарҳо...
Мане к-ӯ бо мани воло намесозад,
Валекин дар замини шодию хушбахтиам
ҷӯ мекашад аз чашмаҳои софи кӯҳистон.

Мани дирӯзаи нобовар аст ӯ,
Расидам то ба минбарҳо,
Раҳораҳ бо баҳорон, боду борон монд,
Дар пои манорон монд,
Бирӯид решаи шодоби нахли шӯҳратам гардид.

Агарчи бо баландиҳо намесозад,
Ғарибу «соддаю ваҳшист»,
Аммо решаи «ваҳшист»,
Ба садҳо чашмаи сероб наздик аст,
Ба ҳар сӯ мерасад, дар синаи ҳар санг месабзад.

Табардастон чӣ мегӯед?
Бе ин решаи «ваҳшӣ»,
Дарахти сарбаланди шуҳрати ман ташна хоҳад монд,
Мани болонишин дар куллаҳои осмонбӯси
бузургӣ ташна хоҳам мурд.



## ПОСИРА

Ҷумла мо мардумони кӯҳистон
Серу пӯшида гарчи кам будаем,
Дил пуру чашмҳоямон сер аст,
Мо ба кишту дарав калон шудаем.

А азал ҷои нози дуньёро
Дар дили мо гирифта кишту шиёр,
Аз дили мо замини посира аст
То ба талҳою пуштаҳои диёр.

Донаҳое, ки бар намехезанд
Дар баҳор аз замину кӯҳу камар,
Медаманд аз ҷабину аз дили мо
Ташнаи чашмаҳои оби ҷигар.

Эй басо киштаҳои нокишта
Дар шиёри ҷабини мо руста.
Майсаҳое даруни синаамон
Решаҳо монда, хӯшаҳо баста.

Талхҳое чу заҳри қотил талх
Шуда андар забони мо ширин.
Пухта бо хӯшаҳои ишқу ҳавас
Дар дили мо напухтае чандин.

Мо басе кардаем кишту дарав
Дар заминҳои сина бо армон,
То нагӯянд тангу камсамаранд
Водиҳои диёри кӯҳистон.



# ДАР ЁДБУДИ МУҲАММАДҶОН РАҲИМӢ

Шеъри нав гуфтаму рафтам ба сари манзили ӯ,
Лек ман даст набурдам тарафи дастаи дар.
Дар гулӯям нафаси шоирӣ якбора шикаст,
Ки мабодо дигаре гардад аз ин кулба бадар.

То дари ӯ ба забон н-ояду гӯяд бар ман,
Ӯ дигар нест дар ин хана, зи дуньё рафтаст,
Худ ба худ баҳри тасаллои дили муштоқам
Гуфтам, аз шаҳри Душанбе ба Бухоро рафтаст.

Шеъри нав дар лабам аз пушти дараш баргаштам...
Вазн ноҷӯр, ғалат қофия, маъно носоз,
Оҳ шуд дар лаби ман шеъри мани беустоз.

# МЕҲВАР

*Ба бинокорони заводи*
*алюмини Регар.*

Путк бар даст мезанад бар санг
Марди боному нанг, марди ҳунар.
Мечакад аз ҷабини ӯ бар хок
Қатра-қатра арақ чу оби ҷигар.

Мекунад майда санги хороро
Ҳамчу санги қаноати дили хеш.
Гӯиё аз барои мову шумо
Мекунад ӯ иморат аз гили хеш.

Ҳар гаҳе ман ба бозуяш нигарам,
Шаҳсутунҳо ба ёд меоянд,
Шаҳсутунҳои қасрҳои бузурт,
Ки ба ҳукми сутуни дуньёянд,

Он сутунҳо, ки дар миёни замин
Гаштаанд устувор чун меҳвар...
Гӯиё баргирифта оламро
Бар сари души хеш марди ҳунар...

Пояе аз назарбаландии ӯст,
Остони баланди хонаи ӯ.
Зинаҳо мерасанд бар хотир,
Чашмам афтад агар ба шонаи ӯ.

Зинаҳо, зинаҳои ранги ба ранг,

Ҳама аз хорасангу санги сиёҳ;
Зинаи бурҷҳои сар ба фалак,
Зинаҳои баланди минбарҳо.

Ак ҳамин пояҳо ба ҳар сӯе
Мерасад то ситора дасти замон.
Зинаи мармарии шӯҳрати мо
Мешавад сар зи шонаи мардон...

Путк бар даст мезанад бар санг
Марди боному нанги асри ҳунар
Мекунад ӯ иморати дуньё,
Аз гили хеш чун иморатгар.

Маншаи обрӯи ӯ шудаанд
Қатраҳои зулоли оби ҷабин.
Сар ба гардун агар намесояд,
Бар сари дӯши ӯст бори замин.

# КАФШЕР

Мезанад фаввора ахгар,
Чун думи истора ахгар.
Бар замин мерезад ахгар,
Бар замин мерезад ахтар.

То шавад пайванди оҳан оҳане,
Сахт чун пайванди дилҳо,
Мегудозад оҳану месӯзад оҳан банд-банд.
Ҳаргиз осон нест пайванд,
Андар ин фан
Оҳан обу обҳо пӯлоду оҳан мешаванд.

Пеши ин кафшери оҳан.
Мекунам ман фикри кафшери сухан.
Нуқта то барҷо бимонад ҷовидон,
Ҷовидон аз шоирӣ монад нишон,
Ҳарфро бо ҳарф мебояд чунин бигдохт гарм,
Ҳарфро бо ҳарф мебояд чунин пайванд кард.

Чашм бар фӯлоди маҳкам,
Орзуи шеъри маҳкам мекунам,
Ончунон шеъре, ки ҳар ях мисрааш
Пеши он мардум, ки дарьёро ба саҳро
мебаранд,

Дар ҳисоби новаҳои оҳанин гирад қарор.
Шеър лафзу ҷумлаю ҳарфу ҳиҷо бошад
агар, душвор нест,
Лек лафзу ҷумлаю ҳарфу ҳиҷо ашъор нест...

Мисраи барқе, ки иншо мекунад абри
баҳор.
Дастаи симе, ки ҳамчун панҷаҳои офтоб
Рӯшноӣ мебарад бар ҳар диёр,
Мисраи мо дар радифи он намеояд ба кор.

Бояд акнун бо табу тоби дигар
пардохт шеър,
Аз сухан ҳамвазни ҷӯян сохт шеър,
Дар радифи шоҳбайти роҳи оҳан сохт шеър.
Сатрҳо чун сими ноқил
Бояд ангезанда бошанд.
Нуктаҳо чун барқи кафшер
Тезу бигдозанда бошанд,
Шоирон созанда бошанд...

Дар ҳавои санъати кафшергар,
Пеши ин буньёду эҷод,
Шоирӣ дар шеваи оҳангаре омад ба ёд,
К-ӯ дар оҳан порае аз одамӣ ҷо мекунад.
Оби фӯлоде, ки он дар санг мемонад асар,
Ҷавҳарӣ фӯлод не, оби дили оҳангар аст.
Шеър ҳам имрӯзу фардо
Аз миёни одаму оҳан нахезад ҳайф, ҳайф,
Чомае чун пораи алмос,
Ҳарфе ҳамчу дос,
Бар касе ҳоҷат наафтад, ҳайф, ҳайф.

Мисраро мебояд акнун,
Бо қадамҳои замон андоза дод.
Дар қиёси шаҳсутунҳои балавди барқи
Норак баст байт,
Дар шумори кӯраи арзизи Регар гуфт
ҳарф...

Мезанад фаввора ахгар,

Чун думи истора ахгар.
Бар замин мерезад ахтар аз сари
кафшергар.
Ӯ ба сӯи моҳу Кайвон
Гарчи сар боло накардаст,
Дар замин кайҳоннаворд аст.

То бимонад ҷовидон пайванди ӯ,
Чун нишони дасти оҳанбанди ӯ,
Ӯ дили дарьёи худро,
Ишқу армонҳои худро,
Ҷавҳари мазмуни ин фан мекунад,
Вақтро кафшер дар фӯлоду оҳан мекунад.

*** * ***

*Барои Мерган*

Медурахшад чу шаддаи Парвин
Дар сари синаат ситора қатор,
Синаи софи пурситораи туст
Пораи осмони софи диёр.

Ту ба ҳар кӯчае қадам монӣ,
Кӯча бар роҳи Каҳкашон монад.
Ту ба ҳар хонае шавӣ меҳмон,
Хона бар бурҷи осмон монад.

Дар гузарҳои деҳа хурду калон
Мешиносанд нақши пои туро.
Нуқтаи ҷанг мекунанд ҳисоб,
Нуқта-нуқта паи асои туро.

# ДАР РАҲИ НАЙСОНУ ПОИЗ

Шаҳр ҳамчун кӯдаке хобидааст
Маст дар парпечи нури моҳтоб.
Поси шаб,
Оғӯши худро кӯчаҳо пур кардаанд
Аз маҳу аз болу аз хоб.
Кӯчаҳо аз хишту қиранд,
Лек дар маҳтобшаб,
Кӯчаҳо дарьёи ширанд...

Шевченкои тавоно якка
дар гулзори шаҳр
Зери по як това мармар.
Сар ба зер афканда пинак меравад.
Гӯӣ шаҳбозест шаб дар кӯҳсор,
Панҷааш дар синаи сангу сараш
дар таҳти бол,

Нимбедор.
Бод аз шохи дарахтони барг-барг,
Баргҳоро чида мерезад ба рӯи шонааш.
Метаровад ҳамчу хоб аз чашми ман
Партави маҳтоб аз пешонааш.

Акси ӯ дар байни ахтарҳои сабз
Дар Днепр оббозӣ мекунад.
Ҷомаи урфии ӯро дар бараш
Моҳи тобон симдӯзӣ мекунад...

Ҳамраҳи ин ҳайкали бедору хоб,

Як шаби бедориам,
Як шаби маҳтобиам тай мешавад,
Ҳамчу як умри гуворо.
Ман ба меҳру рашку ҳайрат
Мекунам ӯро тамошою тамошо.

Дар раҳи вақту ҳаводис,
Дар раҳи найсону поиз,
Дар сари як тахта мармар,
Гӯӣ дар тахтест ӯ,
Санг, аммо санги шоир,
Санги хушбахтест ӯ.



## ЖАКОН[1]

Ҷомҳои ба ҳам нахӯрдаи мо,
Ба замин хӯрда пора-пора шуданд.
Бӯсаҳои ба ҳам надодаи мо,
Дар фалакҳо гули ситора шуданд.

Дафтари ишқамон варақ ба варақ
Ҳамчу тақвим шуд варақгардон.
Гули ишқи ману ту рафту шукуфт,
Бо гулу сабзаҳои кӯҳистон.

Дар хаёлам, туро гирифту бирафт
Бахти гумгаштаи ман аз олам,
Бо ту нохонда байтҳоямро,
Нимашабҳо ба осмон хондам.

То диламро зи шиква холӣ кунам,
Ман шудам ҳамзабон ба долу дарахт...
Кош, гуфтам, ситорае бошам,
Дар фалакҳо магар шавам хушбахт.

Кош гуфтам, ба ёди ту ҳама умр,
Ман ҷавон монаму ҷавон монам.
Бо ҳама обрӯи шоириам,
Бе ту, бигзор ташнаҷон монам...

Андар он синае, ки пурҳавас аст,
Ҳавасе ношикаста, дил шиканад,

---

[1] Зери лаб худ ба худ гуфтугӯ кардан.

Нест камтар аз он, ки дар дуньё,
Шаҳпули рӯдбори Нил шиканад.

Аз гуноҳу хатои худ маҳу сол
Дам фурӯ баста сӯхтан мушкил,
Месазад бар ману ту ҳар боре,
То ба гардун фиғон кунем аз дил.

Обрӯмон шавад Зарафшон ҳам,
Доғи дилро дигар намешӯяд.
Бо хаёли ҷавонӣ дар лаби мо,
Бӯсаҳои хаёлӣ мерӯяд.



# РАҚС

Ба рӯи сабзаю себарга бо ман ёр мерақсад,
Шукуфон, доманафшон духтари кӯҳсор мерақсад,
Ба бозӣ кокулаш бисьёр мепечад,
Чу печак дар миёни нозукаш ҳар тор мепечад,
Ба худ печону ҳайрон давлати бедор мерақсад.
Ба ҷон механдаду чун доманафшон давр мегардад,
Ба дасти даврагирон ҷоми даврон давр мегардад,
Сару чашми ҳазорон давр мегардад,
Бадахшон давр мегардад,
Зарафшон давр мегардад,
Самарқанду Бухоро давр мегарданд,
Чуноне дар сари савдои дуньё давр мегарданд.
Ба бозӣ ёр меларзад,
Ба гесӯяш бубин, бисьёр меларзад,
Чи гесӯ, обшорони Зарафшон аст,
Ба рӯи мармари дӯшаш парешон аст.

Дар ин бозии зулфафшон,
Ҳавое аз гусастанҳою бастанҳою растанҳост,
Навае аз шикастанҳост,
Навае аз шикастанҳои армон аст,
Дар ин оҳанги ларзон ларзаи ҷон аст.

Дар ин ларзидани мӯ, ларзаи кӯҳи Бадахшон аст...
Ба рӯи сабзаю себарга дастафшону покубон,
Саротан давлати бедор мечархад,
Ба даҳ ашгушти лоло мезанад бишкан,
Маро пур мекунад аз шодию ғам,
Маро пур мекукад аз оламу одам.

Гаҳе ӯ ҳаст бо ман он қадар наздик,
Ки гӯё мезанад дар синаам домон,
Гаҳе чун пораи абри баҳорон:
Ба оғӯши уфуқҳо мешитобад,
Ба оғӯши уфуқҳо аз дили ман,

Ба рӯи сабзаю себарга бо ман ёр мерақсад
Шукуфон, доманафшон духтари кӯҳсор мерақсад,
Ба гесӯи парешонаш бубин, ҳар тор мерақсад,
Магар истораи думдор мерақсад?



# МЕРАВАНД АБРҲОИ ТОБИСТОН

Сар-сари ёлаҳои зарду кабуд
Мераванд абрҳои тобистон.
Гӯиё чодари арӯсии тӯ
Гаштааст абрҳои кӯҳистон.

Ба ту ошиқ шудам ҳамон рӯзе,
Ки дилам гарми орзуҳо буд.
Чашми ман ҳамчу чашмаҳои зулол,
Хотирам пок ранги дарьё буд.

Дар сари ман ҳавои молу манол,
Ҳам чу фикри ғалат намеафтод,
Дар мадори хаёл мегаштам,
Бо хаёлу ҳавои рӯи ту шод.

То набинам паи туро бар хок,
То наафтад ғубор дар поят,
Мекушодам ба меҳр аз нафасам
Пойандоз дар қадамҳоят.

Дона-дона ситора мебастам,
Ранги марҷон ба гарданат шабҳо.
Куртаи хоб пора мекардам
Ба қадат аз ҳарири партави моҳ.

Мениҳодам баланд зери сарат
Аз хаёлоти нарми худ болин,
То нагӯӣ набуд дар бари ман
Хоби бехобиҳои ту ширин.

Бо хаёли ту мезадам девор
Хонаҳои хаёлие дарҳам.
Кӯдакони набуда мехуфтанд
Баста дар маҳди орзуҳоям.

Дар ҳавасҳои навҷавонии ман
Рӯзҳое ҷавониҳо кардӣ,
Лек охир маро ба беҳавасӣ
Бори аввал ту ошно карди...

Сар-сари ёлаҳои зарду кабуд
Мераванд абрҳои тобистон.
Орзуҳои хору зори мананд
Абрҳои сафеди саргардон.

Мебаранд абрҳои ҳарҷоӣ
Оҳи гарми маро ба дашту даман,
То задам чашм, фасли лола гузашт,
Фасли доғи дил аст дар дили ман.

Монда мисли ҷазираи гумном
Байни дарьёи хотироти куҳан,
Ватани ишқи ман ҷавонии ту,
Ватани ишқи ту ҷавонии ман.

Дар дилам бе ту гӯӣ бе соҳиб
Хонаҳои хаёлӣ вайронанд.
Кӯдакони хаёлиам шабу рӯз
Дар ба дар аз паси ту гирьёнанд.

# НОМАҲО

Номаҳоятро кушодам
Бар ҳаво сар додам аз даст,
То шаванд абри баҳорӣ
Номаҳои ёдгорӣ,
Бар сари талҳо бигирьянд,
Чашмаю дарьё бигирьянд,
Намаҳо бар мо бигирьянд.

Дина шаб кардам ҳикоят
Аз ту бар боди парешон.
Ман ба ёдат гуфтам аз ёд
Мисрае бар ҷӯйборон,

То барад бодаш ба саҳроҳо бихонад,
То барад обаш ба дарьёҳо бигӯяд.
Дина шаб дар зери борон
Раҳ ба раҳ рафтам хаёлӣ.
Кокулатро ришта-ришта,
Бо хаёлам ришта рафтам,
Бӯсаҳои дар лабат нокиштаро
Қад-қади раҳ,
Лаб-лаби ҷӯ,
Дар заминҳо кишта рафтам.

То паёпай аз паи ман
Қад-қади раҳ,
Лаб-лаби ҷӯ
Бӯса рӯяд ҳамчу қоқу,
Бӯса рӯяд ҳамчу хулбӯ.

Дина шаб бориду борид,
Об дар дарьё нагунҷид.
Дина шаб танҳоии ман
Дар мани танҳо нагунҷид...

Дина шаб борони найсон
Аз заминҳо нақши по шӯст.
Дар дилам доғе фузун шуд,
Чун паи пои туро шӯст.
Дина шаб дар кӯчаҳо беҳуда гаштам,
Ҳамчу сайёдони пайгумкарда гаштам...

Дина шаб олам тамоман об буд,
Осмон шодоб,
Замин шодоб буд.
Лек ман номи ту дар лаб
Худ ба худ чун хушксолон
Сӯхтам дар зери борон.

*** * ***

То саҳар бедор будам,
Кӯдаки ҳамсоям бедор буд.
Мешунидам гирьяашро,
Мешунидам аллаҳои мадарашро.

То саҳар аз ҷунбиши гаҳворааш
Нарм меҷунбид дили огоҳи ман.
То нагирьяд кӯдаки ҳамсоям,
Дар лабонам алла мешуд оҳи ман.

Шеър мегуфтам, вале аз хомаам,
Гӯиё имшаб ба ҷои шеъри тар,
Шир мерехт,
Ҳамчу аз пистони модар.

Партави маҳ метаровид
То саҳар аз осмонҳо,
Ҳамчу шир аз ширполо.

То саҳар бедор будам,
Кӯдаки ҳамсоям бедор буд,
Дар мани бедорхоб.
Сила мекардам сарашро
Бӯса чашмони тарашро.
Балки ин навзоди гирьён,
Зодаи табъи ману маҳтоб буд,
Кӯдаки шеъри мани бетоб буд.

Мегирист ӯ дар дили гирьёни ман,

Дар дили гирьёни ман чун ҷони ман.
Чак-чакон мерехт аз мижгони ман,
Ашки ӯ бар дафтару девони ман.

Кӯдаки шеърам —
Ятими синаам,
То саҳар гӯё ятимии маро
Бо алам такрор мекард,
Доғи дерини маро ӯ
То саҳар хуншор мекард.

То саҳар имшаб нахуфтам,
Лек шеъре ҳам нагуфтам.
Аз дили тангам наомад
Бар забони шеъри тари ман.
Донаи ашки равон шуд
Нуқтаҳои дафтари ман...

То саҳар маҳтоб буд,
Чашми ман пуроб буд.

## ДАР ЗЕРИ ШАРШАРА

Ларзида меафтод мавҷ
Бар мавҷ аз болои ӯ,
Сад парча мепартофт мавҷ
Аз фарқи сар то пои ӯ.

Мӯи дарозаш тор-тор
Дар печу тоб афтода буд.
Мӯро ба мӯ метофт об,
Мӯро ба мӯ мебофт об,
Дар дасти об афтода буд.

Мебурд чашмони маро
Мӯи тару рӯи тараш,
Оинаро мешуст мавҷ
Лагжида аз пеши бараш.

Аз кокули заррини ӯ
Шорида зар мегашт об.
Полида аз зулфони ӯ,
Полида аз мижгони ӯ,
Покизатар мегашт об.

Дар сангҳо бишкаста буд
Аз пайкараш бӯи баҳор.
Ҷӯи ба ҷӯ,
Кӯи ба кӯ
Мерафт атру мушки ёр.

Ҷӯи ба ҷӯ, кӯи ба кӯ

Ҳар қатрае ҳамроҳӣ худ
Мебурд бар дарьёю рӯд
Аз чашми ӯ ранги кабуд.

# ЛОЛАҲО

Чун паи хуне, ки дар болои барф
Меравад то лона аз пои шикор,
Мондаам аз ишқи бесомони хеш
Ман ба ҳар як ёри худ як ёдгор

Шаҳрии фарзанди деҳқон,
Дар хумори киштзорон,
Дар баҳори шаҳр дар рухсорае
Гарму ширин бӯсаҳо коридаам,
Донаҳои бебаҳо коридаам.

Он чуноне дар адирҳо
Лола мехезад баҳорон,
Дар сари рухсорае бишкуфтаанд
Бӯсаҳоям, лолаҳоям,
Шоҳидони ишқу армон.

Кӯдаки дерини гулгардони деҳ,
Орзуманди гули мижгони деҳ,
Бо лабонам аз лабе гул чидаам,
Бо лабонам дар лабе гул мондаам,
Дар диёри ишқ гул гардондаам.

Бо хаёли он ки аз лабҳои об
Марҳами хасмола гӯён
Барги зуф мекофтам
Барги зулферо парешон кардаам.
Додҳои кӯҳнаамро,
Решҳои синаамро,

Ман ба барги зулф дармон кардаам.

Дидаамро рӯзи наврӯзи ҷавон
Бар гули пероҳане молидаам.
Арғувону наргису себаргаро
Аз бару аз бистаре бӯидаам.

Дар хами мӯю баёзи гардане
Дидаам садҳо шаби маҳтобро.
Ман зи чашмони кабуде хӯрдаам
Оби садҳо чашмаи Варзобро.

Сар ба дӯшу домане бигзошта,
Гаҳ ба тифлиҳои худ баргаштам.
Баччагиро бурда боди домане,
Гаҳ ба сад марде баробар гаштаам.

То гурезам аз сари танҳои хеш,
Хоки поеро ба сар бинҳодам.
Доғи ёре,
Ғамгусоре,
Ишқ гӯён дар бар дар ғам бурдаам,
Ишқ гӯён дар ба дар ҷон додаам...

Ранги он хуне, ки дар болои барф
Меравад шорида аз пои шикор,
Мондаам аз меҳри рустоии хеш
Дар лабу дар синаҳое ёдгор,
Бӯсае ё қиссае,
Ё ғуссае.



* * *

Рез борон, рез борон,
Ончунон борида будӣ
Бар сари сабзи ману ҷонони ман...

Дӯш бо ҳар қатрае наздиктар,
Кокулони духтари ҳамсоя тар,
Дар чунин як рӯз оғӯши маро пур
карда буд
Бо баҳори сабзу борон.

Кӯдаке будему меомад ҳанӯз
Бӯи шири модар аз лабҳои мо,
К-осмон аз хоби тифлӣ
Ногаҳон моро ҷавон бедор кард
Осмон эҷоди нотакрор кард.

Лек то ман ҷустуҷӯ кардам раҳи тақдирро
Пеши ӯ ногуфтаю нохонда монд
Байти ишқии ману армони ман...
Байти ашколудаи пинҳони ман.

Бас баҳоре баъди ӯ такрор шуд,
Ҷуз баҳори умри нотакрори мо.
Ҳар гулеро бод ҳам оварду бурд,
Ҷуз ҳамон барги гули лабҳои ӯ...

Рез борон,
Рез борон,
Ончунон борида будӣ,
Ончунон тар карда будӣ

Дӯш дар оғӯши ман ҷононаро,
Он гули якдонаро.

Ҳар гаҳе бар синаи хок
Мезани нохун ту, борон
Мезанад нохун касе бар синаам.
Ин аламҳои ману армони ӯст,
Ёдбуди мондаи гирьёни ӯст.

Аз ғаму шодӣ хабар кард ӯ маро
Пештар аз қуръаи толеи ман,
Пештар аз зиндагонӣ,
Аз табу тоби ҷавонӣ.

Пештар аз он ки дил дар синаам
Санг гардад,
Хандаҳо дар гӯшаи чашмони ман
Қабзаи ожанг гардад...

Рез борон, рез борон,
Рез файзи абри найсон,
Ман гули гумкарда дорам,
Шояд ӯ аз хок рӯяд ин баҳор.



## АБРҲО

Он ҳама абри парешоне, ки чун хобу хаёл
Дар канори кӯҳсор,
Дар лаби оби равон биншастаанд,
Хоҳарони ҷонии кокулпарешони мананд.

Хоҳарони ҷониам аз саргузашти ман ҳанӯз
Гоҳ-гоҳ ин гуна пайдо мешаванд.
Кокулони хешро дар чашмаҳо тар мекуканд,
Курта мешӯянд дар болои санг,
Куртаҳои сону карбосу фаранг...

Абрҳо мушти паранд,
Абрҳо аз духтарон ёдоваранд.

Пораҳои абри озоди хаёлангезро
Дар заминҳо дида мегӯям, ки хоҳарҳои ман,
Пои пурхор,
Дасти хуншор,
Мондаанд аз шабдаравхо
Ҷовидон дар пуштаҳоӣ кӯҳсор.
Бо хаёли нони гандум,
Бо хаёли хирмани ҷав,
Мекунанд оҳи ману оҳи дили худро дарав.

Ногаҳон хомӯш мехонад лаби хомӯши ман,
Нақшҳои куҳнаро дар гӯши ман.
Шеваи дӯшина меояд ба ёд,
Байтҳои роғии дерина меояд ба ёд.

Байтҳое бӯи фарзандони деҳқон доштанд,
Ҷангу бӯи ғаллазорон доштанд.
Байтҳое гарди хоки пои ёрон доштанд,
Дарди ҳиҷрон доштанд,
Гирьяҳо аз ҷанги Гирмон доштанд.

Доғи аскарбаччаҳои дури кӯҳистон буданд,
Лобаҳои духтарони ошиқи нолон буданд,
Байт не,
Ашки сари мижғон буданд.

Бо ҳавои доси хоҳарҳои пурармони ман,
Чун сарак дар пуштаҳо мерехтанд
Хӯшаҳои чорбайтиҳои деҳистони ман.
Байти армон,
Байти ҳиҷрон —
Оҳи дил мешуд парешон
Пеш-пеши боду борон.

Он қадар байте, ки аз лабҳои хоҳарҳони ман,
Сӯ ба сӯ шаббодаҳо бурданд дар лабҳои хеш,
Он қадар доғе, ки аз дилҳои хоҳарҳои ман,
Сӯ ба сӯ чун тухми гандум дар заминҳо
рехтанд, —

Он ҳама дар пуштаҳо рӯянд агар,
Мезанам ман бӯса гирьён
Пуштаҳоро пой то сар,
Пуштаҳоро мекунам тар...

Хӯшаҳои талху ширин —
Чорбайтиҳои дерин,
Монда андар киштзорон,
Монда андар кӯҳсорон,
Байтҳои резаборон гаштаанд,
Гирьяҳои обшорон гаштаанд.

*** * ***

Дар замини тозаи ашъори ман
Мисраҳо дар ҳукми огарданд агар,
Ғайри армони тую ёди ту нест
Дар замини шеъри ман кишти заминхези
дигр.

Дар замини шеъри ман —
Дар қитъаи зархези ман,
Ёди мижгони ту рӯида
Майсаи тар мешавад,
Ёди рухсорат шукуфта,
Лолаҳои шабнамолуди муаттар мешавад.

Дар хаёлам қосиди наврӯзи ман,
Ҷуз парастурҳои абрӯи ту нест.
Ранги рӯи ҷумла гулҳои баҳор,
Ҷуз ҳамон ранги гули рӯи ту нест.

Аз ҳавои кокули хушбӯи ту,
Ҳар гаҳе ман байт хушбӯ мекунам.
Орзуи чашми обии туро
Дар замини шеър сарҷӯ мекунам.

Шаб ба ҷои хоби ширин
Чашми бедорам пур аз туст
Ҳар саҳар дар раҳгузорат
Дидаи чорам пур аз туст.

Рӯзу шаб яъне ту савдои манӣ

Шоирию ошиқиҳои манӣ.

То ниҳоли қомататро
Дар замини шеър сабзонидаам,
Ин замини ташнаро шому саҳар,
Кардаам шодоб бо хуни ҷигар.

То туро бар қитъаҳои шеър кучонидаам,
Сатрҳоро беамон бишкастаам,
Гаҳ чу симхору гаҳе чун панҷара,
Гаҳ ба мисли панҷаи тақдир,
То туро озод бинам дар замини шеъри озод...

Ҳар қадар боши ту озод,
Он қадар ман низ озодам.
Ҳар қадар бахти ту хандад,
Он қадар ман низ хушбахтам.

## СУБҲИ БАҲОР

Мурғаке аз селаи мурғон ҷудо,
Дар ҳавои беғубори кӯҳсор,
Ҳамчу коғазпорае пар мезанад,
Синаро молида дар субҳи баҳор.

Гӯиё аз ёри дурафтодае,
Нома меояд ба ёраш ин саҳар...
Аз сиришки ошиқӣ тар мекунад
Қатрае чашми маро бори дигар.

## ТО УФУҚҲО

Туро як рӯз медуздам ман аз шаҳр,
Ба сӯи кӯҳсорон мегурезам.
Саманди бодпо месозам аз бод,
Ба оғӯши баҳорон мегурезам.

Мани рустоӣ мехоҳам бубинам,
Туро пои тиҳӣ дар марғзорон.
Ба мисли сабзаю себарга шӯяд
Қатори кокулатро резаборон.

Ба худ хандию чун момочавобак
Ба овози ту кӯҳистон бихандад.
Ғаму шодии мо мисли алафҳо
Баҳорон дар адирҳо реша бандад.

Ба лаҳне нағмаҳо хонанду хонанд
Ба гӯшат талху ширин обшорон.
Нависам раҳ ба раҳ то бар уфуқҳо,
Бароят шеър дар барги дарахтон...

Ба ҷуз аз сангҳои кӯҳсорон,
Ба ман дар хок ҳамзоди дигар нест.
Маро ғайри ту аз бахти ҳумоюн
Арӯси шеъри озоди дигар нест.

# ҲАСАД МЕБАРАМ

Ман ҳасад мебарам ба рӯи замин,
Бар талу пуштаҳои гандумзор,
Бар дарахтони боғу оби равон,
Бар баландии қуллаи кӯҳсор.

Мезанам ғел ба рӯи майсаи сабз,
Мекашам хоку сабзаро дар бар.
Шир-шири баргҳои ларзонро
Мекунам гӯш ман ба дидаи тар.

Дар сарам сад хаёл мегӯям,
Кош бошам замини ҳосилбахш,
Синаам таҳ ба таҳ шавад шудгор,
Ҳамчу хоки сафеди водии Вахш.

Ё чу кӯҳи тановари вазнин
Аз замин саркашам ба авҷи ҳаво.
Барқ бар фарқи ман занад оташ
Абрҳоро ба мисли хирмани коҳ.

Моҳро арра карда нима кунад
Арраи пушти ман шаби маҳтоб.
То шавад суда пои сангинам,
Мисли занҷир бишканад селоб.

Варна хоҳам, ки ҷангале бошам,
Ҷангали соярези пурасрор,
Ё чу ғоре, кабӯтарон кобанд
Пайкарамро ба панҷаю минқор.

Ошьёни чарандагон бошад
Синаам ҳар баҳору тобистон.
Аз дили пурхароши ман хезанд
Чӯҷаҳо ҳамчу оҳ рӯзи хазон...

Орзу мекунам, ки як нафасе
Ман шавам бо диёри худ ҳамранг.
Ҳамраҳи хоки ӯ шавам кафи хок,
Ҳамраҳи сангҳош резаи саг.

Хори ӯ гар нарӯяд аз дили ман,
Ман бирӯям чу хор бо хораш.
Чун забони Ватан кунам такрор
Сухани чашмаҳои бедораш.

Мон, ки обаш маро ба худ бибарад.
Боди саҳрои ӯ кунад бодам.
Ман, бигирьям ба ҷои шаршараҳо,
Ки ба ашки қатор ҳамзодам.

Бӯи ман гар наояд аз Ватанам,
Мон, ки бӯи Ватан кунад бари ман.
Гар сари ӯ ҳамеша бедард аст,
Мекунад дард баҳри ӯ сари ман.

# ТИРАМОҲ

Сайр дорад абри озар
Гоҳ ҷамъу гаҳ парешон,
Чун хаёли мӯсафедон...
Селаи гунҷишкҳоро
Мезанад бо тири борон.

Лонаҳо чун чашми гирьён,—
Чашми гирьёни дарахтон.
Аз алафҳо мечакад об,
Мисли ашк аз нӯти мижгон.

Баргҳоро меканад бод,
Ҳамчунон авроқи тақвим.
Баргҳоро бурда боде
Мекунад бо бод тақсим.

Чун сабатҳо монда дар боғ
Каппаҳои боғбонҳо.
Ҷӯяҳо монанди гӯранд,
Хӯсаҳо ҳамчун чалипо.

То миён барчида деҳқон
Гӯшаҳои доманашро.
Мекашад бо хор ҷорӯб
Резҳои хирманашро.

Мефарояд барфмонанд
Аз ҳаво як села кафтар.
Мекунад як тӯда гунҷишк

Дар сари хирман паропар.

Бош-боши подабонҳо
Дар адирҳо гашта хомӯш.
Подабонҳо мефароянд
Аз адирҳо кӯч бар дӯш...

Сайр дорад абри озар
Гоҳ ҷамъу гаҳ парешон,
Чун хаёли мӯсафедон.

Баъд аз ин як соли олам
Талху ширин мешавад кӯр.
Як пагоҳӣ мезанад барф,
Роҳҳоро мекунад гӯр.

# ГИРЕҲ

Маро сенуқтаҳо дар сатри ашъор,
Ба ҳар маъно бувад бисьёр.
Намегӯям нишони қатраи ранганд,
Сиришки нуги мижгонанд,
Гиреҳи чину ожанганд.

Паи бечою барҷои асои дастӣ кӯронанд,
Паи бепанҷаи он инвалидонанд,
Ки дӣ аз арсаи пайкор
Ба пои чӯбӣ баргаштанд бар кӯҳсор,
Ба пои чӯбӣ дар роҳи ватан подор.

Ҳама ин нуқтаҳо гӯётар аз ҳарфанд,
Ҳама ин нуқтаҳо тиранду онҳоро
Бурун овардаам аз пайкари пурзахми аскарҳо
Ва ҳамчун нуқтаи ҷанги ҷаҳонӣ
Чидаам дар мақтаи ашъор.

Куҷо лафзе,
Ки ҷои тири хунолудеро
Пур кунам бо ӯ?
Чи гӯям ман,
Ки чоки синаеро
Панҷаҳои мисраам банданд?

Ба ҷои нуқтаҳо,
Ман нуқтаи ногуфтае дорам,
Ба ҳукми нуқтаҳо
Дар дафтари худ дона мекорам...

Маро сенуқтаҳо дар сатри ашъор,
Ҳама чашмони гирьёнанд.
Чи чашме,
Чашми он бечора модарҳо,
Ки дар қурғони дуродури аскарҳо
Ҷигарбандони беному нишон доранд.
Ҳанӯз ин чашмҳо чоранд,
Ҳанӯз аз доғи фарзанд ашк меборанд.

Агар аз шеъри ман сарчашмае рӯяд,
Вай аз ин ашк мерӯяд,
Вай аз ин чашмҳои чори гирьён мешавад ҷорӣ,
Вай аз ин нуқтаҳо сар мезанад рӯзе...

Маро сенуқтаҳо дар сатри ашъор,
Паи муштанд,
Ё зарби сараингуштанд,
Бар он дарҳо, ки бикшодам;
Бар он дарҳо, ки бояд чун дари тақдир
бикшоям,
Ба он зӯре, ки дар дуньё
Гагарин бар ҳама насли башар бикшод
Дари мушкилкушои осмонҳоро.

# САРБОЗ

Асо дар чанг,
Бари рӯяш пур аз ожанг...
Чи рӯе,
Вақт рӯи санги хороро
Харошидаст чун шаҳбоз
Бо ханҷору бо минқор,
Кунад то сангро хуншор...

Тамоми шаҳр пурҳарф асту ӯ хомӯш,
Тамоми шаҳр пешопешу ӯ охир.
Ба ҷои нуктаҳояш нуқта мемонад
Асои дасти ӯ дар шаҳри гапногир.

Даме мӯи сафедашро,
Парешон мекунад бо панҷаи ларзон,
Ту гӯи абри боронӣ
Парешон мешавад дар фарқи кӯҳистон.

Ман ӯро ин саҳар дидам,
Ба мисли кӯдаке дар кӯча пай мечид,
Ба духтурхонае лангон
Паи ҷанги ҷаҳон мебурд.
Даруни синааш аз дардҳои бедаво,
Дарди замон мебурд.

Қадам мемонд,
Вале дар ҳар қадам якбора меистод.
Ту гӯӣ нақши пояшро,
Чу эҷоди ҳаёташ,

Гаштаю баргашта аз рӯи замин мехонд..
Равон буд аз паси ӯ ҳар қадам
Ин нақш,
Ин эҷод.

Асои раҳбараш аз роҳи шаҳр ӯро
Гумон кардам,
Ба роҳӣ безаволӣ раҳбарӣ мекард...
Дар ин раҳ буд ӯ якто,
Ба пои чӯбиаш мерафт пеш аз мо.
Ба нӯги мижа мебардоштам,
ман хоки пояшро...

* * *

Боз дар ҳошияи уфқи ҷануб
Селаи мурғи ҳаворо дидам,
Ҳамчу байти ғазали наврӯзӣ
Турнаҳоро дидам.

Кӯдакиям, ки фаромӯш шуда буд,
Боз якбора ба ёдам омад.
Боз чун мисраи гумкардаи хеш,
Раҳи кӯҳпора ба ёдам омад.

Гуфтам, имрӯз ба деҳ баргардам,
Ки сари солу гулу борон аст.
Дар миёни гулу хору хаси ӯ
Зиндагӣ кардани ман осон аст.

Чи шавад, об шавам бо обаш,
Чи шавад, хор шавам бо хораш.
Донаи обила месабзонад
Дили ман бе ҳаваси шудгораш.

Аз забонбозӣ забон гум кардам,
Аз қаламкорӣ шудам дилмонда.
Он чи бо ҳарфу ҳиҷо мехонам,
Хондаҳоест пур аз нохонда.

Шеваи оби равон мехоҳам,
Безабонии забондонии бод,
То ки бе ҳарфу ҳиҷо ҳарф занам,
Бе забон шеър бигӯям аз ёд.

Пушта бар пушта маро ҳамроҳаш
Мон, бaрад боди диёр оҳкашон.
Дара бар дара маро гирьёнад
Гирьяи шаршараҳои гирьён...

Боз дар ҳошияи уфқи ҷануб
Селаи мурғи хаворо дидам.
Селаи мурғи ҳаво бурд маро
Ба диёри ҳавасу ишқу алам.

# САҲНА

Саҳнае ҳаст рӯзу шаб гардон,
Саҳнае хандахезу ашковар.
Ҳарки дар нақши хеш устод аст,
Бар ҳунарпешаҳои ӯ бинигар.

Гар яке ғайри рӯи аслии худ
Боз ҳам гуна-гуна рӯ дорад,
Дигаре бо тамоми берӯӣ
Обшоре аз обрӯ дорад.

Кам намеояд аз думи товус
Гар яке бо ҳазор рангу қарор.
Дигаре бенавою бетоб аст,
Ҳамчу хоби сиёҳи ваҳшатбор.

Дигареро ҷабину рӯй кушод,
Мисли шабҳои ширмаҳтобанд.
Лек дар кунҷи ғори синаи ӯ
Лошахору дарандаҳо хобанд.

Ба гиребони мо, ба домани мо
Гарчи дасташ намерасад зинҳор,
Дар дили танги хештан моро
Мекушад ҳар дақиқае сад бор.

Боз дар ин миёна як нафар аст,
Мефурӯшад ҳиҷою нуктаи паст.
Афту андоми ӯ ҳама ба назар
Гӯиё як даҳони пурҳарф аст.

Ба даҳонаш туро набинад агар,
Ба даҳонаш агар туро нашунид,
Бо ду гӯшаш туро намешунавад,
Бо ду чашмаш наметавонад дид.

Байни ин издиҳоми бесомон,
Ман ду-се солхӯрда мебинам,
Тирадил, тираруй, тирамиҷоз,
Ки аз онҳо зиёда ғамгинам.

Дар таги тӯри чинҳои ҷабин,
Дар миёни калобаи ожанг,
Чашмашон анкабӯдро монад.
Анкабӯде, ки матанад найранг.

Гапашон аз димоғ мехезад,
Ҳарфи эшон ба шубҳа пайванд аст.
Таҳ ба таҳ дар забони ин мардум
Панд дар фанду фанд дар панд аст.

Абри мӯи сафеди онҳоро
Метавон гуфт абри беборон.
Ҳама дар дидаю дили онҳост
Хушкию қаҳтиҳои ними ҷаҳон...

Саҳнае ҳаст рӯзу шаб гардон,
Бар фанаш бин, ба санъаташ бинигар,
Саҳнаи дигаре нахоҳи ту дид
Ин қадар хандахезу ашковар.

Саҳнаи зиндагӣ бувад агар ин,
Тарсам аз пардаҳои поёнаш.
Ҳамчу санъатшинос дар аҷабам
Ман аз устоду коргардонаш.

## ДУШАНБЕ

Ту шаҳри санъату шаҳри сухандонӣ,
Ту фарҳанги забони Тоҷикистонӣ.
Туро ҳар нақш,
Чун нақши сухан барҷост
Ва тарҳат,
Тарҳи ҳайкалҳои шоирҳост.

Агар як нимаи рӯи ту —
Рӯи Рӯдакии мармарин бошад,
Дигар як нимааш Айнии сангин аст,
Душанбе,
Сурату симои ту ин аст.

Наменози ту ҳамчу Руми шӯҳратманд
Ба маснадҳои қайсарҳо,
Ба қабру қалъаю аркону минбарҳо
Касе аркони заркории тоҷикро намебинад,
Намедонад касе,
Пайғамбаронаш дар куҷо хобанд...

Ту бо гаҳвораҳои кӯдакони хеш хурсандӣ,
Ба даври рафта не,
Бар давраи оянда пайвандӣ.
Ҷавоншаҳрӣ,
Бузургонат ҷавонанд,
Шоҳмардони ту тифлонанд.

Агарчи хонаҳоят сар ба гардунҳо памесоянд,
Чу Эфел гар манорат нест,

Сари кӯҳи баландат хонаи хуршеду маҳтоб аст,
Маҳу хуршед дар боми ту —
Дар Боми Ҷаҳон хоб аст.

Ҷаҳонгарде ба манзилҳо
Аз оғӯши ту рӯзи офтобӣ мебарад савғот,
Ҷаҳонгарде суруди инқилобӣ мебарад савғот.
Туро бо шеъри Турсунзода мардум мекунад
аз бар,
Туро бо шеъри Турсунзода мардум мебарад
дар ёд.

Душанбе — шаҳри ҳуснобод,
Душанбе — шаҳри навбуньёд,
Ҳама анҷомат оғоз асту оғоз аст.
Раҳат тангу канорат,
Чун канори тоҷикон боз аст.

# ПИРАМАРД

Ман марди солхӯрдаи меҳнаткашидаам,
Ман лаззати ҷавониву пирӣ чашидаам,
Бас ҷомҳо шикаст, ки ман ком бурдаам,
Бас шомҳо гузашт, ки ман рӯз дидаам.

Ман борҳо ба заҳмате ҳосил гирифтаам,
Чун аз замини кораме аз умри хештан,
Ман борҳо ба сурате дар зиндагониам
Худро хароб кардаву аз нав сириштаам.

Бо шодиву маломате аз роҳи сарнавишт
Гаҳ рафтаам пиёдаву гаҳ рафтаам савор,
Гоҳ ҳамчу дорбоз
Дар пеши дидагони тамошогарони хеш
Ҷонро ба каф гарифтаму ларзон гузаштаам
Аз бандҳои зиндагӣ, чун аз таноби дор...

Ман солхӯрдаам,
Ман борҳо гирифтаам аз хасм интиқом,
Ман як шаҳиди зиндаам аз арсаҳои ҷанг,
Дар байни зиндаҳову шаҳидони кишварам.

Имрӯз бо алам,
Бар ҳар мазори шаҳр,
Бар лавҳи ёдгории деворҳои шаҳр,
Чун бар мазори кӯҳнаи худ саҷда мекунам...

Ман солхӯрдаам,
Ман лаззати ҷавониву пирӣ кашидаам,

Аммо барои зиндагӣ омадаам ҳанӯз,
Ман по ба пои мардуму даврон равонаам.

## ШИРМАҲТОБ

Чун баромад ширмаҳтоб
Дар шаби гармои дилгир,
Гӯиё худро гирифтам,
Ҳамчу заҳролуда дар шир.

Ишқ гуфтам,
Даст кардам синаамро,
Сӯхтам чун сӯгворон,
Ёдам омад марги Сӯҳроб,
Ман шудам санг,
Ман шудам об...

Ишқ гуфтам,
Гирьяи талхе шунидам,
Гӯиё дарьё ба дарьё
Оби дарьё гирья мекард.
Дар ману дар рӯи дуньё
Абри дуньё гирья мекард.
Ҳарду чашмам худ ба худ пӯшида шуд,
Гум шудам як лаҳза дар худ.

Гуфтам ин овози вазнин
Мерасад аз навҷавонӣ
Мерасад дарьё ба дарьё
Зораҳои ёри ҷонӣ.
Ёдам омад, дида пурнам
Ишқи дерин ҳамчу фарзанд,
Ҳамчу фарзанди ҷавонмарг,
Ёдам омад, ҳам чу Рустам.

Куштаам ман ҳам ҷигарбанд,
Хурдаам фанд...
Мондаам дар навҷавонӣ,
Мисли Рустам дар Самангон,
Як гуле аз гулузорон,
Ҳамчунон Таҳмина танҳо,
Ҳамчунон Таҳмина гирьён.

Бе хаёли ӯ надорам
Ман хаёли талху ширин.
Мебарад аз ман маро ӯ
Сӯ ба сӯ шабҳои ғамгин.
Ҳар гаҳе аз ёди рӯяш
Мекунам назми хаёлӣ.
Ҳар шабе бе ӯ ман ӯро
Мебарам дастон ба дастон,
Мебарам девон ба девон
Ашкрезон,
Ашкрезон.

## САФАРЕ БА ДИЛҲО

Ҳар гаҳе дар орзуи шеър бардорам қалам,
Дар хаёлам рӯи Турсунзода гардон мешавад.
Ҳам қаламро, ҳам маро хомӯш гирьён мекунад,
Ашки ман, ашки ятими шеър борон мешавад.

Ҳамчу номи шоирии Тоҷикистони азиз,
Номи ӯро дӯш дар гаҳвора аз бар кардаем.
Бар лаби мо шеъри ӯ дар кӯдакӣ омад ҳанӯз,
Шеъри ӯро нӯши ҷон бо шири модар кардаем.

Хандаи тифлонаи ӯро ба ёд орам агар,
Хандаи тифлонае аз тифлӣ меояд ба ёд.
Кӯдакию навҷавонӣ монда буд дар ӯ ҳанӯз,
Ошиқию ишқи модарзоди ӯ поянда бод.

Боғшаҳри мо, ки бӯи наварӯсон мекунад,
Бӯи ёрон, бӯи оғӯши азизон мекунад,
Гар чу боғе меваи шодобу ширин додааст,—
Бӯсаҳои ошиқону шеъри Турсунзода аст.

Халқ бар шеъри тару бар гармии дидори ӯ,
Чун бар иқлими ватан бисьёр одат карда буд.
Ҳар куҷое буд Турсунзода Мирзо, халқ буд.
Ҳар куҷое халқ буд, Мирзои Турсунзода буд.

Гарчи умре пой берун дошт аз маъвои хеш,
Бо ҷаҳонгардӣ агарчи дар ҷаҳон машҳур буд,
Ҷои ӯро дар ватан холӣ намедидем мо,
Ӯ на чун дерина, чун оянда аз мо дур буд.

Боз ҳам ӯ рафт, ҷояш ин сафар озод монд,
Аз сафарҳои пасинаш ин сафар дар ёд монд.
Ин сафар наздик буд раҳ, то лаби Варзоб буд,
Лек чун Варзоб дар чашмони мардум об буд...

Баъд аз ин дар орзуи шеър бардорам қалам,
Дар хаёлам рӯи Турсунзода гардон мешавад.
Ҳам қаламро, ҳам маро хомӯш гирьён мекунад,
Ашки ман, ашки ятими шеър борон мешавад.

Он ки мепурсад маро, он шоири мумтоз ку?
То ҷавобашро бигардонам, маро овоз ку?
Ман намегӯям, ки ӯ аз дори дуньё рафтааст,
Ҷои ӯ дар дида буд,
Акнун ба дилҳо рафтааст.

**МУНДАРИЧА**

Ватан ..........3
Дар оғӯши кӯҳистон ..........5
Фарзанди деҳқон ..........7
Антигона ..........9
Шоиру шеъре агар ҳаст... ..........11
Хати сурх ..........14
Бухоро ..........16
Заминро навозиш кунед ..........19
Асри XX ..........20
Кӯч мебандам ..........22
Ба хотираи «Союз-11» ..........24
«Шаҳри осӣ» ..........25
Ҷазр ..........27
Забони Ватан ..........29
Дарьё шавад тавлид ..........32
Кӯҳҳо ..........34
Роҳҳо ..........36
Нағмаҳои диёр ..........38
Зиндагӣ ..........40
Кӯдакиям ҳанӯз гирьён аст ..........41
Асп ..........42
Хона ..........44
Бачаҳои деҳотӣ ..........46
Қисмати шоир ..........48
Реша ..........51
Посира ..........53
Дар ёдбуди Муҳаммадҷон Раҳимӣ ..........54
Меҳвар ..........55
Кафшер ..........57
Барои Мерган ..........60
Дар раҳи найсону поиз ..........61
Жакон ..........63
Ракс ..........65
Мераванд абрҳои тобистон ..........67

Номаҳо ........................................................................69
То саҳар бедор будам.........................................................71
Дар зери шаршара ............................................................73
Лолаҳо .........................................................................75
Рез борон.......................................................................77
Абрҳо...........................................................................79
Дар замини тозаи ашъори ман .........................................81
Субҳи баҳор ..................................................................83
То уфуқҳо......................................................................84
Ҳасад мебарам ..............................................................85
Тирамоҳ.........................................................................87
Гиреҳ ............................................................................89
Сарбоз ..........................................................................91
Турнаҳоро дидам............................................................93
Саҳна ............................................................................95
Душанбе ........................................................................97
Пирамард ......................................................................99
Ширмаҳтоб ...................................................................101
Сафаре ба дилҳо ...........................................................103

# Бозор Собиров

# ЦВЕТЫ КОЛЮЧКИ

(на таджикском языке)


*Муҳаррир А. Азизов*

*Рассом С. Франк*

*Муҳаррири расмҳо С. Легинов*

*Муҳаррири техникӣ Р. Анисимова*

*Мусаҳҳеҳ Ш. Сангалиев*

ИБ № 116

Ба матбаа 7/XII-1977 супурда шуд.
Ба, чопаш 17/IV-1978 имзо шуд. Формати 60Х90$^{1}/_{32}$.
Коғази № 1. Ҷузъи чопӣ 4. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 3.2.
Адади нашр 8000. Супориши № 2881. КЛ 02361
Нархаш 35 тин.

Душанбе, нашриёти «Ирфон», кӯчаи Айнӣ, 126.
Комбинати полиграфии Комитети давлатии
Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба корҳои
нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.

Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126

**35 тин**



**НАШРИЁТИ «ИРФОН»**